20__ A Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

11 марти соли 2020. Чоршанбе

№ 22 (14621)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПЕШОМАДИ ҲАМКОРИҲОИ ТАРАФАЙНИ ИҚТИСОДӢ БО РУСИЯ ВА ОЗАРБОЙҶОН БАРРАСӢ ШУД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 9 март бахшида ба баррасии пешомади рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи сармоявӣ ва тиҷоративу иқтисодӣ бо Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Озарбойҷон машварат баргузор кард.***

Қайд шуд, ки солҳои охир нишондиҳандаҳои тиҷоративу сармоявии тарафайн бо кишварҳои мазкур мунтазам меафзояд. Чунончи, бинобар натиҷаи соли 2019 мубодилаи мол бо Русия нисбати соли гузашта 17 фоиз афзуд ва 6,6 миллиард долларро ташкил дод, ҳаҷми савдои дуҷониба бо Озарбойҷон бошад, 55,7 фоиз зиёд гардид.

Ҳамкориҳои сармоявӣ мустаҳкам мешаванд. Соли гузашта дар Ӯзбекистон бо иштироки сармояҳои Русия 484 корхонаи нав таъсис ёфт ва миқдори умумии онҳо ба 1828 адад расид. Ҳоли ҳозир миқдори корхонаҳое, ки дар мамлакати мо бо сармояҳои Озарбойҷон амал мекунанд, 178 ададро ташкил медиҳад.

Дар машварат ба саривақт ва босифат ба роҳ мондани лоиҳаҳои дарамал ва коркарди таклифҳои нав бинобар амиқсозии ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои зикршуда дар соҳаҳои сармоягузорӣ, тиҷоратӣ ва нақлиётиву логистикӣ эътибори махсус дода шуд.

Масъалаҳои вобаста ба чорабиниҳои пешистодаи дуҷониба бо Федератсияи Русия муҳокима гардиданд. Чунончи, якҷо бо шариконы русиягӣ татбиқ намудани лоиҳаҳо дар ҳаҷми 7,3 миллиард доллар пешбинӣ мегардад, ки имкон медиҳад 3,5 ҳазор ҷойҳои корӣ фароҳам оянд.

Зикр шуд, ки дар доираи ба роҳ мондани кооператсияи саноатӣ бо шарикони озарбойҷонӣ лоиҳаҳои арзишашон беш аз 355 миллион доллар коркард мешаванд. Аз ҷумла, ба роҳ мондани мураттаб сохтани автомобилҳои сабукрав ва автобусҳо пешбинӣ мегардад. Ҳамкориҳои муфиди тарафайн дар соҳаи нафту газ инкишоф меёбанд.

Зарурати пурмуҳтаво сохтани чорабиниҳои мазкур махсус таъкид шуд, вазифаҳои бартаринок оид ба самарабахш ташкил кардани корҳо мушаххас гардиданд.

Дар моҳи ҷорӣ як қатор чорабиниҳои дуҷониба бо Русия ва Озарбойҷон пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, 16-17 март ҷамъомади Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон ва дар даҳаи сеюми моҳи март чунин тадбир бо Федератсияи Русия баргузор мегарданд.

Аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев бобати фаъолтар намудани ҳамкориҳои тарафайни тиҷоративу сармоявӣ бо ширкат ва ташкилотҳои пешқадами Русияву Озарбойҷон, коркарди самтҳои нави ҳамкорӣ бо онҳо супоришҳо дода шуданд.

Хоҷагии қишлоқ ва хоҷагии ҷангал, саноат, аз ҷумла маҷмӯи агросаноатӣ, соҳаҳои нақлиёту логистика, таълим ва инноватсия ба сифати самтҳои нави афзалиятноки ҳамкорӣ бо Русия муайян карда шуданд.

Супориш дода шуд, ки бо Озарбойҷон, барилова, лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои саноати аграрӣ, токпарварӣ ва виносозӣ, саноати заргарӣ, нафт ва газ, нақлиёт ва логистика, ҳамчунин таълим коркард шаванд.

Бинобар масъалаҳое, ки дар машварат баррасӣ гардиданд, ҳисоботи роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор шунида, бобати самарабахш татбиқ сохтани вазифаҳои мушаххас чораҳои минбаъда муайян карда шуданд.

**ӮзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ШИРКАТИ «РЕНЕССАНС ХОЛДИНГ»-И ТУРКИЯРО ҚАБУЛ КАРД

***9 март Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати ширкати машҳури инжинирингӣ ва сохтмони Туркия «Ренессанс Холдинг»-ро бо сарварии президенти он Эрман Илиҷак пазируфт.***

Вохӯрӣ давоми мантиқии гуфтушунидҳои ӯзбекистониву туркиягӣ дар сатҳи олӣ гардид, ки моҳи гузашта дар Анқара баргузор шуда буд.

Алҳол «Ренессанс Холдинг» бобати дар кишвари мо татбиқ сохтани лоиҳаҳои азими сармоягузории арзиши умумиашон беш аз 2 миллиард доллар фаъол аст.

Аз ҷумла, дар пойгоҳи корхонаҳои пешбари металлургии вилояти Тошканд лоиҳаи бунёд кардани фабрикаи ҳозиразамони мистозакунӣ бо иқтидори лоиҳавии соле 60 миллион тонна ва истеҳсоли маҷмӯъ бинобар истихроҷи прокати филизотии иқтидораш то 1 миллион тонна тайёрӣ дида мешавад.

Дар мулоқот масъалаҳои тезондани кори амалӣ дар доираи лоиҳаҳои мазкур муҳокима гардиданд.

Ҳамчунин муаррифии таклифҳои лоиҳавии ширкати туркӣ бобати аввал дар Тошканд, баъдан дар Самарқанду Фарғона бунёд кардани беморхонаҳои серсоҳа дар пояи ҷалби таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ ва технологияҳои нав гузаронида шуд.

Лоиҳаҳои мазкур дар асоси шарикии давлативу хусусӣ, ҳамчунин бо иштироки шарикони туркиягӣ дар идоракунии беморхонаҳо ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси тиббӣ татбиқ карда мешаванд.

Ғайр аз ин, имкониятҳои ҳамкорӣ оид ба таҷдиди иншооти муҳими иҷтимоӣ, кооператсия дар соҳаҳои инжинирингӣ, тарроҳӣ ва сохтмон баррасӣ гардиданд.

**ӮзА.**

## ӮЗБЕКИСТОН: АЗ МАҲДУДИЯТ БА ПЕШСАФИ МИНТАҚА

***Дар интернет-захираи Шӯрои оид ба корҳои байналмилалии Русия таҳти ҳамин унвон мақолаи роҳбари гурӯҳи таҳлилии Маркази омӯзиши Осиёи Марказӣ ва Қафқози Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Русия С. Притчин чоп шудааст.***

Дар мақола қайд мегардад, ки Ӯзбекистон ҳамчун дорои мавқеи муҳими геостратегӣ дар маркази Авроосиё аз бисёр ҷиҳат тарзи муносибатҳои байниминтақавиро дар Осиёи Марказӣ таъин менамояд. Соли 2016 пас аз транзити ҳокимият ҷумҳурӣ аз модели пӯшида, ҳатто маҳдудшудаи сиёсати хориҷӣ зуд ба кишвари фаъол табдил ёфт, ки ба зудӣ натиҷаҳои мусбат дод. Аз як ҷониб, муҳити мулоқоти минтақавӣ ва ҷиҳатҳои ҳамкории байни кишварҳои Осиёи Марказӣ қатъиян беҳтар шуданд. Аз ҷониби дигар, Ӯзбекистон аз ҳисоби амиқсозии робитаҳои хориҷӣ бо кишварҳои бузурги берун аз минтақа миқдори сармояҳоро ба дараҷаи назаррас зиёд намуд ва савдои хориҷиро фаъолтар кард.

Бинобар маълумоти нашрия, дар оғози соли 2017 Стратегияи амалиёт доир ба панҷ самти рушди минбаъдаи Ӯзбекистон барои солҳои 2017-2021 пешниҳод шуд, ки «харитаи амалиёт»-и ислоҳсозии мунтазами ҷумҳурӣ барои панҷ сол гардид. Стратегия дар худ панҷ самти асосиро гунҷонид. Яке аз онҳо озодкунии ҳаёти иқтисодӣ шуд, ки маҷмӯи чораҳо оид ба пурзӯр кардани ҳифзи моликияти хусусӣ, мустаҳкам намудани озодии фаъолияти иқтисодӣ, коҳиш додани танзими давлатии иқтисодиёт, бозсозии низоми молияву бонк, ҳамчунин вусъат додани робитаҳои иқтисоди хориҷиро дар бар гирифт.

Тавре ки муаллиф таъкид мекунад, Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷӣ мустаҳкам намудани нуфузи байналхалқии мамлакат, то ба ҷомеаи ҷаҳон расондани маълумоти воқеӣ дар бораи ислоҳоте, ки дар мамлакат амалӣ мешаванд, такмил додани пойгоҳи меъёриву ҳуқуқии фаъолияти сиёсати хориҷӣ ва иқтисоди хориҷии ҷумҳурӣ, ҳамчунин пояи қарордодиву ҳуқуқии ҳамкориҳои байналхалқӣ, танзими масъалаҳои марзбандиву марзтақсимкунии сарҳадҳои давлатиро ба сифати самтҳои афзалиятнок муайян сохт.

«Аз бисёр ҷиҳат самти афғонистонии сиёсати хориҷии Ӯзбекистон муҳим шуд. Ғайр аз зиёд намудани фаъолнокии иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо ҳамсояи ҷанубӣ, Ӯзбекистон саъй кард, ки бобати мӯътадил сохтани вазъият дар Афғонистон саҳм гирад, бо ин мақсад моҳи марти соли 2018 дар Тошканд конфронси бузурги байналхалқӣ таҳти унвони «Раванди сулҳхоҳона, ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва ҳамкории тарафайни минтақавӣ» бо иштироки кишварҳои пешқадам ва минтақа гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, Ӯзбекистон аз як сӯ ба сифати пешоҳанги комилҳуқуқи минтақавӣ баромад кард ва ба ҳамсояҳо пешниҳод намуд, ки масъалаҳои ҳамкории тарафайнро бо якдигар баррасӣ ва ҳаллу фасл кунанд», зикр мекунад С. Притчин.

Бинобар суханони муаллиф дар доираи стратегияи дарозмуҳлати зикршудаи сиёсати хориҷӣ ба таъмин сохтани шароит барои пешрафту рушди иқтисодиёт аз ҳисоби дипломатияи прагматикӣ нақши назаррас дода шудааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо метавонанд механизмҳои зерин, аз ҷумла тезондани савдо бо шарикон аз тамоми ҷаҳон, ҷалби сармояҳо, рушди силсилаи нақлиёт истифода шаванд. Дар ин бобат низ пешрафти ҷиддӣ ба даст омад. Тараққиёти мусбат доир ба мубодилаи мол тақрибан бо тамоми шарикони тиҷоратӣ мушоҳида мегардад, вале идомати минбаъдаи рушд қадамҳои ҷиддитарро тақозо дорад. Дигар як самти муҳими пешрафт дар бозорҳои ҷаҳонӣ фаъолтар шудани гуфтушунидҳо оид ба узвияти Ӯзбекистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо гардид. Тошканд ҳамроҳ шудан ба созмони бузургтарини ҷаҳонии савдоро ҳамчун дарёфти эътирофи он ба сифати кишвари баробарҳуқуқ дар арсаи байналхалқӣ баррасӣ менамояд.

Дар хулосаи мақола муаллиф таъкид мекунад, ки ҷиҳатҳои асосии сиёсати кунунии хориҷии Ӯзбекистонро метавон бисёрҷанба, прагматӣ, камзиддиятӣ ва фаъолнокӣ номид.

**АИ «Дунё»,**
*МАСКАВ.*

Меҳмон дар хонаи нав

## БА КОР ЧУН БА ИД, БА ХОНА ЧУН БА ТӮЙ

***Бекзодака агар аз навбатдорӣ барояд ҳам, ба хона намешитобид. Тарафи хона пояш намекашид. Ҳар дафъа — аҳвол ҳамин. То аз кор баромадан дилаш ғаш мешуд. Азоби рӯҳӣ мекашид. Дар хона ӯро зани меҳрубон ва се фарзандаш интизоранд. Дилаш аз оилааш хотирҷамъ. Аммо як норасоӣ дорад – мушкили хона…***

Дар 10 сотих замин якчанд оила – 46 нафар дар хонаҳои ҳуҷрамонанди ҳавлӣ хиҷолатомез зиндагӣ мекунанд. Мардонаш мисли Бекзодака ба хона майли рафтан надоранд.

Ниҳоят, нияти бисёрсолаи аъзои ин оила ҷомаи амал пӯшид. Ба онҳое ҳам, ки муҳтоҷи манзил буданд, хона доданд. Бо шартҳои имтиёзнок, бо нархи арзон.

Бекзодака ҳам дар сафи оилаҳои хушбахт ба хонаи нави шинаме, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳумо»-и ноҳияи Сергелии пойтахт бунёд шудааст, кӯчид.

Мо дар ана ҳамин хонавода меҳмон шудем. Ҷамоаи эҷодии моро соҳибони хона бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд. Барои ба чунин рӯзҳо расидан ба Худованд шукрона гуфтанд, дар ҳаққи Президентамон, ки бо дарди аҳолӣ зиндагӣ мекунад, дуо карданд.

– Инсон барои дар зиндагӣ хушбахт будан кӯшиш мекунад, – гуфт Бекзодака. – Фаровонии ҳаёт ва амалишавии орзуҳояшро мехоҳад. Ҳар якеи мо ба ин пурра ҳақ дорем.

– Соҳиби манзили худ гардидан чи қадар хуб, – мегӯяд кадбону Шоҳида. – Аз сабаби он ки саломатии худам ва шавҳарам хуб набуд, як вақтҳо ин гуна хонаҳоро орзу ҳам карда наметавонистем. Ду сол пеш бо нархи арзон сохта шудани манзилҳои зистро шунида, ба ҳокимият бо ариза муроҷиат кардем. Шароити оилавии мо омӯхта шуда, барои зуд бо манзили арзон таъмин кардани мо супориш дода шуд. Аз байн вақти зиёд нагузашта, рӯзе шунидам, ки ҳамсарам таъҷилан омада гуфт: Шоҳида, ба фикрам вақти амалишавии орзуҳоямон омадааст, ба мо хонаи сеҳуҷрагӣ насиб кардааст. Аз ҳаяҷон саросема шудам. Инро шунида, се рӯз пайиҳам гиристам. Рӯзҳои аввал чанд муддат ба худ омада натавонистам. Ҳар кас ҳам барои зиндагии осуда хона дошта бошад, дилаш пур мешавад ва ба оянда бо боварӣ менигарад. Ман лаҳзаҳои воқеии зиндагиямро паси сар мекунам. Се фарзанд дорам. Ҳасану Ҳусайнро ба маҳфили варзишии маҳалла гузоштем. Мо бо оила ба бахте, ки ба ҳаёти мо навигарӣ ворид кардааст ва зиндагиамонро куллан дигаргун намудааст, ноил гардидем. Чунонки мебинед, дар хонаи шинам ва мусоид ҳам барои худамон, ҳам барои фарзандонамон ҳама шароит муҳайёст. Бо оилаи худ таҳти ҳимояи роҳбари давлатамон буданро ҳис карда, зиндагӣ дорем. Ман ба сифати як модари хушбахт ба номи роҳбари давлатамон номаҳои зиёди миннатдорӣ фиристодам. Илоҳо, ба бахти мо амон бошанд!

Ҳангоми хайрухуш аз Шоҳида оиди кор ва кайфияти Бекзодака пурсон шудем.

– Шавҳарам ба кор чун ба ид меравад, ба хона чун ба тӯй бармегардад, – гуфт ӯ.

**М. ТОШҚАРАЕВА,**
**мухбири ӮзА.**

## «ЯК МИЛЛИОН ДАРАХТ» — ИҚДОМИ ХАЙР

***Имрӯзҳо чун дар ҳамаи шаҳру ноҳия ва деҳаҳои кишвар дар вилояти Сирдарё низ иқдоми "Як миллион дарахт" идома дорад. Боиси хушнудист, ки ин тадбири нек намуди ҳашарро гирифта, ба он пиру барнои вилоят: аҳли ҷамоаҳои меҳнатӣ, заводу фабрикаҳо, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ якдилона ҳиссагузорӣ мекунанд.***

Ба наздикӣ бо ташаббуси дастпарвари собиқи мактаби рақами 19-уми ноҳияи Сайҳунобод – роҳбари Садорати низоми обёрӣ тавассути насосҳо (УНС)-и вилоят Ҷӯрабой Шарипов дар мактаби номбурда тадбири хайрия баргузор гардид. Ҷӯрабой бо ҳамсинфони худ Бердимурод Бобоев, Абдумуъмин Файзуллоев ва Ҳамробой Мирзоев ба боғи мактаб ниҳолҳои арча ва дигар дарахтони сояафкану мевадеҳро оварда шинонданд.

– Масъалаи таълиму тарбия, эътибор ба ҷавонон, умуман сиёсати оид ба ҷавонон имрӯз зери назорати Президент қарор дорад, ки беҳуда нест, – мегӯяд Ҷӯрабой. – Зеро ояндаи дурахшони ватани маҳбубамонро маҳз ҷавонони имрӯз меофаранд. Зиндагии ҳолоина шиддату суръати дигар дорад ва мо бояд ба ҷавонон чунон таълиму тарбия диҳем, ки онҳо ҳамқадами замон бошанд.

– Ғамхорӣ ба мактаб ва ба маҳалла аз як тараф арзи сипос бошад, аз сӯйи дигар як навъ зуҳуроти ватандӯстӣ аст, – сухани ҳамсабақи худро давом медиҳад Бердимурод Ҷӯраев. – Панҷоҳу чор сол қабл мо ҳамин мактабро тамом карда будем ва аз тайи шебу фарози умри даргузар дарёфтаамон он аст, ки некиву накӯкорӣ мероси беҳтарини инсон будааст.

Чанд ниҳол оварда ба боғи мактаб шинондан воқеаи оламшумуле нест, аммо зоҳир намудани арзи сипос, ё худ эътибор ба мактабу ҷамоаи дирӯзаву кунунии он, албатта, шоёни таҳсин аст. Гузашта аз ин, шубҳае нест, ки чашми ибрати дигар дастпарварони мактаб боз асту онҳо ин иқдомро идома хоҳанд дод.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## БОЗ 350 НАФАР ЗАНОН СОҲИБИ КОР ШУДАНД

***Дар арафаи ҷашни Наврӯз ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Indenim» ба сокинон ва меҳмонони вилояти Сурхондарё туҳфаи хотирмон пешкаш кард. Дар Тирмиз маҷмӯи чаҳорошёнаи замонавии савдо ба истифода супурда шуд.***

Ҳоли ҳозир дар ҳудуди кишвари мо 17 маркази сару либоси «Indenim» амал мекунанд. Маркази наве, ки дар Тирмиз бунёд гардид, аз марказҳои пешина куллан фарқ дорад. Дар ошёнаи якуми бинои муҳташам мизоҷон метавонанд маҳсулоти хӯроквори ва техникаи маишӣ харид кунанд. Дар ошёнаи дуюм сарулибосҳои бачагона ва наврасон таҳти тамғаи «Indenim» фурӯхта мешаванд, ки онро ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ZIF TEXTILE» истеҳсол кардааст. Дар ошёнаи сеюм дуконҳои сару либоси кишварҳои хориҷӣ ҷойгир шудаанд. Дар он ҳамчунин ресторани таомҳои миллӣ амал мекунад. Дар ошёнаи чаҳорум майдончаҳои бачагона, боулинг ва фаст-фуд мавҷуданд, ки бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Дар марказ эскалатор ва лифтҳо хидмат мерасонанд.

Баъди ба кор даромадани маркази нав тақрибан 400 сокини Тирмиз соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд. 350 нафари онҳо занон мебошанд.




– Ман соли гузашта коллеҷро хатм карда, барои худ кори муносиб меҷустам, – мегӯяд сокини маҳаллаи Каттабоғ Шаҳризода Отамуродова. – Аз мавҷудияти кор дар маркази нав хабардор шуда ба ин ҷо омадам. Бинои зебо ва муҷаҳҳаз, имкониятҳои фароҳамовардашуда ба ман маъқул мебошанд. Ба сифати фурӯшанда ба кор даромадам. Аз он ифтихор дорам, ки дар чунин маркази фароху рӯшан ва замонавии савдо хидмати босифат мерасонам. Ба қарибӣ хидмати онлайнро ба роҳ мемонем.

Мувофиқи маълумот дар корхонаи дӯзандагии «ZIF TEXTILE»-и ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Indenim», марказҳои сарулибоси он дар минтақаҳои мамлакат ва маркази савдою дилхушкунии воқеъ дар Тирмиз 5 ҳазор нафар кор мекунанд.

Дар маросими кушоиши маркази замонавии савдову дилхушкунӣ, ки бинобар ороиши худ ягона мебошад ва дар воҳа қиёсе надорад, ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов баромад кард.

**Холмӯъмин МАМАТРАИМОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**
**Суратгир:**
**Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ. ӮзА**

***Ба қарибӣ дар маҳаллаи Қӯрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркон (мактаби миёнаи №7) қабули сайёри мудири Қабулхонаи халқии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳияи Шофиркон Фурқат Ҳафизов ва ҷонишини ҳокими ноҳияи Шофиркон доир ба масъалаҳои маҳаллаю оила Акмал Қазоқов ба амал омад.***

## ҚАБУЛИ САЙЁР

Дар кори он роҳбарон, фаъолони маҳалла, вакилони деҳоту халқ, намояндагони деҳаҳои Қӯрғони Вардонзею Янгиобод, фермерону омӯзгорон, бонувону собиқадорони меҳнат, кормандони масъули ташкилоту корхонаҳои ноҳия иштирок карданд.

Дар тадбир масъалаҳои ҳалталаби ҳудуд, аз қабили бо кор таъминкунии бонувон, таъмиркунии кӯпруку асфалтпӯш кардани роҳҳо, таъминоти об ва бетонфарш кардани ҷӯйҳо, пешгирии бемаврид қатъёбии барқ, дурии нуқтаҳои хидматрасонии тиббӣ, қонуншиканиҳо оид ба мусофиркашониву ҳаракати роҳ ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



*Дар объектҳои манзили зисте, ки аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Zarafshan Golden Group» сохта мешаванд, Маъмура Қурбонова маноракранро бо маҳорат идора мекунад. Бинокорони корхонаи сохтмонии «Zarafshan Golden Group» дар бунёди биноҳои хушсохт ва боз ҳам зебо шудани шаҳри ҷавон саҳми сазовор мегузоранд.*

*Дар симои Маъмура Қурбонова, ки пайи ободӣ ва рушди мамлакат такопӯ дорад, зани имрӯз, фазилатҳои ӯ пеши назар меояд.*

***Дар акс: Маъмура Қурбонова** дар ҷараёни кор.*

***Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ҚОНУНЕ, КИ ТАСДИҚАШ НИШОТ БАХШИД

Баъди кушода шудани ҷамъомади дуюми Сенати Олий Маҷлис сенаторҳо муҳокимаи масъалаҳои гузоштаро аз дида баромадани таҳрири нави Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон» шурӯъ намуданд.

– Ҷиҳати фарққунандаи ин масъала он аст, ки қабул шудани онро даҳҳо ҳазор шаҳрвандони мо бо вуҷуди пурҳаяҷон нигаронанд, – гуфт раиси Сенат Т. Норбоева.

Бале, 28 феврали соли равон – рӯзе, ки ин ҳуҷҷати муҳим тасдиқи худ ёфт, рӯзи таърихӣ ва фаромӯшнопазир ба наздик 50 ҳазор ҳамдиёрони мо буд. Президент дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис ин масъалаи бисёр муҳимро низ аз мадди назар дур накард ва вазифа гузошт дар ин самт таъҷилан чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ андешида шаванд. Вай гуфт, аз ҷумла, шахсоне, ки то соли 1995 ба ҷумҳурӣ омада буданд ва аз он замон дар ин кишвар умр ба сар мебаранд, бояд ба таври автоматӣ шаҳрванди Ўзбекистон гарданд.

Аснои баррасии таҳрири нави қонун дар ҷамъомад қайд гардид, қариб тамоми меъёрҳои ин ҳуҷҷат, ки 28 сол қабл аз ин қабул шуда буд, куҳна шуда ва ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Нукта ва талаботи меъёрие, ки таҳрири нави қонун фаро гирифта, ба соддагардонии шаҳрвандӣ, тартиби маъмурӣ вобаста ба масъалаҳои ба таҳкими механизмҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон дар қабул ва баромадан аз шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Дар назди Президент Комиссияи оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ фаъолияти худро ҷоннок намудааст. Мақом, вазифаҳои асосӣ, ваколатҳои ин комиссия пурзӯр, аз ҷумла, тартиби муайянсозии шаҳрвандӣ нисбати кӯдакон аз рӯи таваллуд ё худ аз рӯи шаҳрвандии падару модари онҳо мушаххас гардидааст. Зимни баррасии масъалаҳои шаҳрвандӣ минбаъд корбаст гардидани механизмҳои ҳамкории байниидоравӣ қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Сабаб ва ҳолати дар ҳамин сарзамин ба дунё омадаву солҳо инҷониб дар ҳамин диёр зиндагӣ карда, аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ бебаҳра мондани қисме аз ҳамватанонамон маълум: дар давраи иттиҳод онҳо бо тақозои қисмат берун аз ҷумҳурӣ кору зиндагӣ карда, баъди истиқлол боз ба диёри худ баргаштаанд.

Масъалаи паспорт ва барқарорӣ ба шаҳрвандӣ онҳоро хуни ҷигар намуд. Дар қонун оиди шаҳрвандӣ роҳҳои чӣ тавр шаҳрванд гардидан муайян карда шуда бошад ҳам, низом рӯи коғаз буду халос. Шаҳрвандӣ яке аз дардноктарин масъала шуд. Аз муроҷиатҳо ба номи роҳбари давлат ва ё идораҳои болоӣ натиҷае ба даст намеомад.

Нақл мекунанд, нафаре аз ҳамдиёрони мо дар Душанбе таҳсил ва баъди хатми донишкада чун пажӯҳишгар дар он ҷо монд, номзади ҳимоя ва дар донишкада чанд сол муаллимӣ кард. Баъди пошхӯрии иттиҳод ба диёри падарӣ баргашт. Паспорт доданд, дар мактаби деҳа муаллимӣ намуд. Рӯзе ба «идораи паспорт» хонданд ва гуфтанд паспорташро амонат ҳамон ҷо гузорад, супориш шудааст ҳуҷҷатҳо дубора дида баромада шаванд. Вай паспорташро супурд. Вақте ба гирифтани он рафт, гуфтанд, ки ғайриқонунӣ паспорт гирифтани шумо фош гардид, маслиҳат ҳамин: аз куҷо омада бошед, ба ҳамон ҷо баромада равед. Ба тахтапушташ арақи сард тохт... Бо як ҳол ба манзили худ баргашт. Акнун ӯро, ки ба таври автоматӣ аз кори мактаб дур андохта буданд, дар манзили падариаш ором намегузоштанд. «Участковой» бегона не, ҳамсинфи худаш. Баромада равад? Ба куҷо? Чӣ тавр меравад вақте беҳуҷҷат аст? Шиносномаи аввалаашро гирифта, паспорт дода буданд. Бе ягон ҳуҷҷат чӣ тавр ба сарҳади давлатӣ наздик шудан мумкин?

«Участковой» ӯро мефаҳмад ва: «Маро ҳам фаҳм, ҳамсинф!» – мегӯяд хуни ҷигар хӯрда.

Ҳамдиёрони мо, ки дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя чун олим ё муҳаққиқ, чун намояндаи адабиёт ё санъат кор карда, баъди бозгашт ба Ватан бинобар масъалаи паспорт, мосувоӣ аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ солҳои дароз сарсону саргардон шудаанд, хеле зиёд.

Ба пажӯҳишгаре, ки солҳои пирӣ ба диёр баргашт, аснои бо коре ба Тошканд омадани ӯ яке аз қарибонаш дами гусел мегуфт: «Эҳтиёт шавед. Аз милисаҳо!»

Бале, мавриди таъқиб буданд ин гуна шахсҳо. Аз дузд, роҳзан ё авбош не, аз милиса эҳтиёт мешуданд бепаспортҳо.

Дуруст, онҳо ҳуҷҷати шахсро тасдиққунанда доштанд. Вале онро нишон диҳанд, саволборон: «Кай омадӣ ва чаро? Чӣ кор мекунӣ дар ин ҷо?»

Дар посгоҳи Водил (вилояти Фарғона) марзбон ба нафаре мегуфт: «Бо ҳуҷҷате, ки шумо доред, ба гузаштан рухсат дода наметавонем...»

Зан ва кӯдакони ӯ рӯи замин менишастанд. Аз беҳолӣ. Гирям мегуфт занаки бечора. Кӯдакон низ он қадар маъюс. Гуноҳи онҳо чист? Ин малул ва музтармондагон бегона не, зода ва парвардаи ҳамин сарзамин. Намояндаи ҳамин халқ ва миллат. Ба тӯй ё сайру дилхушӣ не, эҳтимол, бинобар мусибати оилавӣ ба роҳ баромадаанд онҳо. Аз ноилоҷӣ! Вале роҳашон – баста. Гуноҳи марзбонҳо низ не – ба низом риоя мекунанд онҳо. Ба қонун. Ба қонуне, ки на ҳар гуна ҳуқуқ ва озодиҳои шахс дар он муҷассаманд.

Ҳамдеҳаи мо Ҳамдамака солҳои дароз дар комбинати кони симоби шаҳраки Ҳайдаркони ҷумҳурии ҳамсоя кор кард. Баъди нафақаи пиронсолӣ ба ноҳияи Сӯх баргашт, чанд сол чун раиси маҳаллаи Янгиариқ ба халқ хидмат намуд. Барои шиносномаи шахсро тасдиққунандаи худро бо паспорти Ўзбекистон иваз кардан чӣ қадар давутоз намуд. Бефоида. Ба деҳа равам ва дучор оем, мегуфт: «паспорт адо кард!»

Адошавиаш рост будааст. Паспорт гирифтан насиб накард, вафот кард.

Бепаспортӣ Ҳусейнхон Сафаров ном ҳамсояамро низ, ки дар Ҳайдаркон кор карда, ба деҳа баргаштааст, азияти зиёд дод. Духтараш бемор шуд, ба яке аз беморхонаҳои вилоят хобонданд. Хост хабар гирад. Ба чӣ аҳволе дучор шуд дар сарҳад, чунки ноҳияи Сӯх азбаски дар дохили Қирғизистон воқеъ гаштааст, даробаро бе паспорт намешавад.

Тақрибан даҳ сол қабл яке аз шиносҳоямон, ки аз Сурхондарё баргашт, воқеаи ғамангезеро нақл намуд. Зани аз Тоҷикистон ба Тирмиз келиншударо баъди чанд соли зиндагии қонунӣ бо шавҳараш бо баҳонаи он ки бепаспорт аст, маҷбуран ба зодгоҳаш гуселондаанд. Девонаавзоро мемонд писарчаи шаш-ҳафтсолаи ӯ, ки дар кӯчаҳо: «Очемро бурданд, очемро бурданд!» – гӯён фарёд мезад, оби дидааш шашқатор буд.

Хулоса қонун ба ҳифзи муътамади ҳуқуқ ва озодии шахс ҳамоҳанг буда, қабул гардидани он дар таъмини ҳуқуқи шахс ва такмили қонунгузории шаҳрвандӣ боз як қадами ҷиддӣ гардид.

**М. ШОДИЕВ.**

# МО БА ҲАМКОРИҲОЯМОН БО ЎЗБЕКИСТОН БАҲОИ БАЛАНД МЕДИҲЕМ

***Сардори департаменти кишварҳои Осиё ва минтақаи Осиё ва уқёнуси Ороми Маркази мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО (ММҶ) Фенг Ҷинг гузориш дод.***

— Ман бо Муроҷиатномаи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис бо шавқу рағбат шинос шудам. Дар ҷараёни он роҳбари ҷумҳурӣ зарурати таҳкими ҳамкориҳоро бо ЮНЕСКО, аз ҷумла дар соҳаи ҳифз ва густариши мероси моддӣ ва ғайримоддии фарҳангии кишвар қайд кард, — гуфт ӯ. — Мо ба ҳамкориҳоямон бо Ўзбекистон баҳои баланд медиҳем ва омодаем дар татбиқи ташаббусҳои роҳбарияти кишвар оид ба дохил намудани ҷузъҳои нави фарҳанги Ўзбекистон ба Рӯйхати мероси ҷаҳонӣ ва Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии башарияти ЮНЕСКО мусоидат намоем.

Бо хушнудӣ ҷараёни имрӯзаи фаъолонаи рушди муносибатҳои байни Ўзбекистон ва ЮНЕСКО-ро таъкид мекунам, ки аз он натиҷаҳои музокироти Президент Шавкат Мирзиёев бо Директори генералии Созмон О. Азуле ҳангоми сафари расмии худ ба Ўзбекистон моҳи августи соли 2019 далолат медиҳад. ЮНЕСКО барои эътибор ва кӯшишҳои назарраси роҳбари Ўзбекистон оид ба ҳифзи арзишҳои фарҳангии барои тамоми инсоният бисёр миннатдор аст. Дар рафти роҳбарӣ намуданам ба Намояндагии реактивии мониторинги Маркази мероси ҷаҳонӣ дар Ўзбекистон мо шоҳиди корҳои назарраси роҳбари давлат оид ба такмил додани пойгоҳи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои мероси ҷаҳонӣ дар Самарқанд, Бухоро, Хева ва Шаҳрисабз шудем.

Мо кӯшишҳои роҳбарияти Ўзбекистонро дар бобати тарғиби мероси фарҳангии кишвар натанҳо дар нигоҳдории объектҳои таърихӣ ва дигар ашёҳо барои наслҳои оянда, балки барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ тавассути рушди саноати сайёҳӣ истиқбол мекунем. Бояд қайд кард, ки ин гуна тадбирҳо ба стратегияи ЮНЕСКО мувофиқанд, ки тибқи он фарҳанг бояд барои рушди устувори дарозмуддат хизмат кунад.

Дар ҳақиқат, Ўзбекистон мероси фарҳангии ҳам моддӣ ва ҳам ғайримоддии бой дорад. «Самарқанд — гузаргоҳи фарҳангҳо» ва «Маркази таърихии Бухоро» аллакай ба Рӯйхати мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шудаанд. Онҳо ба таври шоиста мероси фарҳангии муҳимтарин ва назарраси инсоният дар Шоҳроҳи абрешим мебошанд. Бо ифтихор мехоҳам қайд намоям, ки моҳи октябри соли 2006 маҳз дар Самарқанд баргузор кардани ҷамъомади якуми лоиҳаи «Номинатсияи силсилаи фаромиллии Мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО Шоҳроҳи абрешим» тасодуфӣ набуда, рамзӣ буд.

Ҳамчун як ҷузъи таблиғи мероси муштараки мардумони минтақа Кумитаи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО пешбарии номгӯи таркиби «Шоҳроҳи абрешим: даҳлези Зарафшон-Қароқум»-ро, ки Ўзбекистон дар якҷоягӣ бо Тоҷикистон пешниҳод кардааст, баррасӣ мекунад. Илова бар ин, Маркази мероси ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Ўзбекистон, дар самти омода кардани номгӯи ҷузъи фарҳангии дигар «Роҳи абрешим: даҳлези Фарғона-Сирдарё» кор пеш мебарад.

Дар бораи мероси нодири ғайримоддии халқи Ўзбекистон ҳарф зада, мо аз он хушнудем, ки ҷузъи «рақси хоразмии «Лазгӣ» ба Рӯйхати намояндагии мероси ғайримоддии фарҳангии башарият дар ҷаласаи 14-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО, ки моҳи декабри соли 2019 дар шаҳри Боготаи Колумбия баргузор шудааст, дохил карда шуд. Соли ҷорӣ Ўзбекистон дар якҷоягӣ бо як қатор кишварҳои ҳамсоя номинатсияҳоро барои ҷузъҳои «Санъати миниатура» ва «Рубоб» барои дохил шудан ба ин рӯйхат омода мекунад. Ғайр аз ин, мо ба омода кардани файли миллии ҷузъи «Бахшӣ», ки бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон пешниҳод шудааст, шурӯъ кардем. Дархост барои ин номгӯ дар рӯзҳои наздик пешниҳод хоҳад шуд.

Ман бовар дорам, ки Маркази мероси ҷаҳонӣ ва дигар зершуъбаҳои ЮНЕСКО омодаанд ҷониби Ўзбекистонро дар таҳия ва пешрафти минбаъдаи номгӯи миллию муштараки ҷузъҳои мероси фарҳангӣ барои дохил шудан ба рӯйхати ЮНЕСКО дар солҳои оянда ҳамаҷониба дастгирӣ мекунанд.

**АИ «Дунё»,**
*ПАРИЖ.*



*Дар корхонае, ки фаъолияташро дар назди ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Firdavs produktion»-и маҳаллаи Ўртақӯрғони ноҳияи Шаҳрисабз ба роҳ мондааст, мебелҳои замонавӣ истеҳсол карда мешавад.*

*Корхона дар ҳоли ҳозир беш аз 10 намуди маҳсулоти мебелро истеҳсол менамояд. Маҳсулоти тайёрро ба бозори дохилӣ мебароранд. Дар ин ҷо 7 нафар бо шуғл фаро гирифта шудаанд.*

***Дар акс:** дар корхонаи мазкур.*

***Аксбардор: Ҷ.НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

# ДАР НОҲИЯИ БЎСТОНЛИҚ БА ТАРИҚИ ОЗМОИШ БА ТАПЧАНҲО АНДОЗ ҶОРӢ КАРДА МЕШАВАД

***Аз 1 майи соли 2020 дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд таҷрибаи андоз ҷорӣ карда мешавад. Ин дар қарори дахлдори Девони Вазирон аз 20 феврали соли 2020 нишон дода шудааст.***

Вилояти Тошканд минтақаи дорои потенсиали баланди сайёҳӣ мебошад. Дар ноҳияи Бӯстонлиқ объектҳои зиёди барои меҳмонони ўзбекистонӣ ва хориҷӣ ҷолиби диққат ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ, барои озмоиш маҳз ин ноҳия интихоб шуд.

Мувофиқи ин ҳуҷҷат, мотосиклҳои обӣ, квадрасиклҳо, параплан ва делтапланҳо, инчунин катҳои нишаст ва объектҳои ба ин монанди ба иҷорадодашавандаи истироҳатӣ ба манбаъҳои даромади шахсони ҷисмонӣ мансуб буда, андоз ситонда мешаванд. Дар доираи озмоиш, тамоми объектҳои амволи манқул ва ғайриманқул бо додани сертификати дахлдор (шаҳодатнома) ба қайд гирифта мешаванд.

— Ин навоварӣ тақозои замон аст, — мегӯяд муовини сардори раёсати КДА Султон Обидов. — Он ба содда кардани тартиби баҳисобгирии объектҳои андозбандишаванда, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва беҳтар кардани доираи хизматрасонии сайёҳӣ дар вилояти Тошканд равона шудааст. Аз ин рӯ, мутахассисони Кумитаи давлатии андоз бо ҳамкоронашон аз Кумитаи давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ аз наздик ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Дар рӯзҳои наздик дар шаҳри Ғазалкент, ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Дӯстлик, Сиҷҷак ва Навобод чор нуқтаи такягоҳии андоз пайдо мешавад, ки кормандони онҳо раванди баҳисобгирии объектҳои амволи манқул ва ғайриманқулро, ки дар қарор нишон дода шудааст ва бояд андозбандӣ шаванд, оғоз хоҳанд кард. Вазифаи озмоиш мусоидат намудан ба саривақт, инчунин иҷрои пурра ва дурусти ӯҳдадориҳои андозсупорандагон мебошад.

Талаботи ин қарор нисбати шахсони ҷисмоние, ки дар меҳмонхонаҳои оилавӣ хизмат мерасонанд, татбиқ намегардад. Аз ин рӯ, дар баробари ин, мақоми ҳуқуқии бӯстонсароҳо, коттеҷҳо ва дигар амволи ғайриманқуле, ки ба иҷора дода шуда, ҳамчун хонаи меҳмони оилавӣ ба қайд гирифта шудааст, омӯхта мешавад. Иттилооти ҷамъоваришуда на танҳо ба пойгоҳи маълумотҳои Кумитаи давлатии андоз ворид карда мешавад, балки инчунин барои ҳама хоҳишмандон дастрас карда мешавад. Барои ин, КДА якҷоя бо Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия Платформаи ягонаи электрониро таҳия менамояд. Маълумот дар бораи нақлиёти обӣ, техникаи чанаи рӯйи барф, квадрасиклҳо, параплан ва делтапланҳо, инчунин тапчанҳо ва ҷойҳои истироҳатӣ метавонанд таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб кунанд.

**Хидмати матбуоти Кумитаи давлатии андоз.**

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ САЙЁҲӢ

***Баҳри таъмини иҷрои қарори Девони Вазирон аз 31 декабри соли 2018 «Дар бораи рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Тошканд дар солҳои 2019-2021» як қатор корҳои сохтмон ба амал бароварда мешаванд.***

Вилояти Тошканд яке аз ҳудуди қулай ва аз ҷиҳати логистикиву иқлими табиӣ дорои имкониятҳои васеъ дар рушди сайёҳӣ ба шумор меравад. Махсусан, минтақаи озоди сайёҳии «Чорбоғ», Боғи миллии Угом-Чотқоли ноҳияи Бӯстонлиқ, табиати назаррабову маскани агросайёҳии Паркент, маҷмӯи зиёратии Зангиато, объектҳои маданиву таърихии ноҳияҳои Оҳангарон, Бӯка ва Чиноз диққатҷалбкунанда буда, ба рушди сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

Вазорати вазъиятҳои фавқулодда баҳри таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар сохтмони биноўу иншооти банақшагирифташудаи ин ҳудудҳо як қатор чорабиниҳоро пешбинӣ намудаанд. Аз ҷумла, оид ба бехатарии биноҳо дуртар аз ҳудуди селравӣ ва тармакӯчӣ ҷудо кардани замин, майдонҳо,ҷавобгӯ будан ба қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор дар объектҳои назоративу тамошоҷойҳо тавсияҳо медиҳанд. Сметаи ҳуҷҷатҳои лоиҳаи объектҳои сохтмонро аз назар гузаронида, дар объектҳои сохтмони бунёдшуда талабҳои бехатарӣ аз сӯхторро таъмин менамоянд.

Соли 2019 аз ҷониби Корхонаи давлативу унитарии «TOSHBOSHPLANLITI» Консепсияи минтақаи сайёҳии «Чимён – Чорбоғ» кор карда шуда, дар асоси он нақшаи созмондиҳии ҳудуди сайёҳӣ тасдиқ гардидааст. Мувофиқи он дар объектҳо ва ҳудудҳои аҳолинишин баҳри таъмини бехатарӣ аз сӯхтор дар деҳаҳои Чимёну Юсуфхона 2-той ва Янгиқӯрғону Бурчимулло 1-тогӣ сохтани депои сӯхторхомӯшкунӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Мансур МИРЗОХОЧАЕВ,**
**роҳбари шуъбаи меъёри техникии идораи вазъиятҳои фавкулоддаи вилояти Тошканд.**

## ХАБАРҲО

### Ҷавонон ва донишҳои ҳуқуқӣ

***Барои барпои ҷамъияти демократии ҳуқуқбунёд бояд бо дониш ва маданияти ҳуқуқӣ молик бошем, қонунҳоямонро эҳтиром намоем.***

Вазифаҳои муҳим дар ин самтро Президентамон аснои вохӯрӣ бо ҷавонон, ки 27 декабри соли гузашта ба тарзи ҷамъомади видеоселекторӣ гузашт, муайян сохта буд.

Дар суҳбати даврие, ки Кумитаи дифоъ ва амнияти Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис баргузор сохт, корҳои муҳими амалигашта сарҳисоб, сабаби муаммо ва норасоиҳое, ки ҳанӯз ба чашм мерасанд, муайян ва таклифҳо бобати бартарафсозии онҳо умумӣ гардонида шуданд. Таъкид ёфт, лозим аст ҳанӯз дар хурдсолии фарзандон дар қалб ва шуури онҳо пояҳои эҳтиром, хусусан, ба рамзҳои давлатиамон устувор гузошта шаванд. Баъде ба воя расиданд, меъёрҳои одобу ахлоқ, донишҳои ҳуқуқие, ки аз тифлӣ гирифтаанд, ташаккул хоҳанд ёфт. Дар ин бахш омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешқадами хориҷӣ аз фоида холӣ нест. Донишҷӯён бинобар ихтисоси худ бо донишҳои ҳуқуқӣ мусаллаҳ шуданашон шарт. Бинобар суст ба роҳ гузошта шудани мулоқот бо ҷавонон дар интихоботи навбатӣ ба депутатии Палатаи қонунгузорӣ миқдори онҳо коҳиш ёфт. Дар суҳбати даврӣ ҳамчунин оиди аз ҷониби Вазорати адлия таҳия шудани «Портали миллии ҳуқуқи бача» таъкид ёфт.

### Биноҳои нав оё мустаҳкам?

***Мамлакати рӯ ба ривоҷи мо имрӯзҳо ба майдони бузурги сохтмон табдил ёфтааст. Вале сифат ва бабардоштии биноҳо оё ба талаботи стандарт ҷавоб медиҳад?***

Дар анҷумани матбуотие, ки Вазорати сохтмон ташкил намуд, иштирокдорон ба ин гуна саволҳо ҷавоб пайдо карданд. Гуфта шуд масъулият ҳис накардани сохтмончиён дар ин бобат хеле ташвишангез. Чунончи, дар барпои маҷмӯи истиқоматии бинои панҷошёна дар ноҳияи Дӯстлики вилояти Ҷиззах бинокорони ҶММ «Илғор Дӯстлик қурилиш» ба саҳлангорӣ роҳ гузоштаанд, ки ин дар нуқтаҳои иҷтимоӣ ба муҳокимаҳои тезутунд сабаб гашт. Нуқсони асосӣ — арматураҳоро ба дараҷаи лозимӣ истифода накардан.

Аз нуктаҳои қарори Президент дар бораи чораҳои куллан беҳсозии сифати корҳои сохтмону монтаж ва такмили чораҳои назорати қатъӣ аз болои сохтмон баромада омада, мо бояд дар навбати аввал ба мустаҳкамии плитаҳои бетон, дар онҳо ба дараҷаи даркорӣ истифодабарии арматура эътибори ҷиддӣ нигаронем, гуфтанд мутахассисон. Барои модернизатсияи санҷишҳои лабораторӣи маводҳои сохтмон, навсозии базаи онҳо соли 2020 бештар аз 50 дастгоҳ харида шуд, ки 2,7 млрд. сӯм арзиш дорад.

Алҳол дар наздик 400 корхонаи истеҳсолгари бетонҳои оҳанӣ зиёда аз 225 ҳазор тонна маҳсулот бароварда мешавад.

### Мулоқот бо соҳибкорони оянда

***Ҷавононеро, ки нав коллеҷҳои ҳунарро хатм кардаанд, ба тиҷорат чӣ тавр бояд ҷалб кард?***

Барои ҷавоб ба ин ва ба ҳамин монанд саволҳо ҳокими ноҳияи Сергелии пойтахт Бахтёр Шомуродов ба як гурӯҳ ҷавононе, ки коллеҷҳоро хатм менамоянд, вохӯрд. Дар мулоқоте, ки дар Маркази автобизнеси Сергелӣ ба вуқӯъ омад, масъулони ҳокимият, роҳбарони ташкилоту идораҳо, соҳибкорон низ ширкат ҷустанд. Мақсад – дастгирии ҷавононе, ки ба соҳибкорӣ майл доранд, ташаккулдиҳии маҳорати касбӣ ва ҷаҳонбинии онҳо, шинос намудани хатмкунандагон ба фаъолияти Маркази автобизнеси зикршуда, ки вақтҳои охир ба яке аз масканҳои дӯстдоштаи ҷавонон табдил ёфтааст. Марказ баробари хидматрасонӣ ба автомобилҳо ғояҳои пешқадам дар форматҳои навро оиди соҳа тарғиб месозад.

Ҷавонон ба саволҳои худ ҷавобҳо гирифтанд ва аз бисёр нақшаҳои тиҷоратӣ, ки соҳибкорон тақдим сохтанд, огоҳ гаштанд.

### Дарсҳои маҳорат дар мактаб

***Дар мактаби махсуси бачаҳои имконияташон маҳдуди рақами 52-юми пойтахт дар доираи панҷ ташаббуси муҳиме, ки роҳбари давлат муайян кардааст, чорабинӣ бо иштироки устодони санъати тасвирӣ ба амал омад.***

Намояндагон аз Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон ба бачаҳое, ки завқи сураткашӣ доранд, доири санъатҳои амалию тасвирӣ машғулот гузаронданд. Дарсҳои маҳорат оиди графика сураткашҳои наврасро ба худ кашида, истеъдодҳои нав кашф гардиданд.

Дар охир дастаи ҳунарии мактаб-интернати ба санъат махсусонидашудаи ҷумҳурӣ бо бароมадҳои рангин хотири бачаҳои имконияташон маҳдудро болида сохтанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Аниси кунҷи танҳоӣ**

# МУСОБИҚАИ КИТОБХОНОН

***Панҷ ташаббусе, ки аз тарафи роҳбари давлат барои равнақи Ватан пешниҳод гардид, барои истеъдод ва иқтидори ҷавононро дар амал татбиқ намудан шароитҳо фароҳам овард.***

Ташаббусе, ки «Ривоҷ додани мутолиаи китоб» ном дорад, ҳамаи мо, ҷавононро ба хондани китобҳои бадеӣ даъват мекунад. Ба наздикӣ дар мактаби мо мусобиқаи китобхонӣ таҳти унвони «Саёҳат ба боғи дониш» баргузор шуд. Мусобиқа аз рӯйи намудҳои маълумот дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти бузургон – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ..., ёфтани ҷавобҳо аз таърихи Ӯзбекистон, донистани моддаҳои Конститутсия, тарҷумаи калимаҳои русӣ ба забони модарӣ гузаронда шуд.

Хонандаи синфи 10-ум Дилафрӯз Ҳамроева дар ҳамаи шартҳо фаъолона иштирок намуда, ҷойи якумро ишғол намуд. Ҷойи дуюм ба хонандаи синфи 9-ум Гавҳар Ҳакимова, ҷойи сеюм ба хонандаи синфи 8-ум Салоҳиддин Йӯлдошев насиб кард. Ғолибон бо китоб ва ифтихорномаҳо тақдиронида шуданд.

Чунин мусобиқаҳо ба мо ғизои маънавӣ мебахшанд.

**Гулҷамол ҲАМРОЕВА,**
**хонандаи синфи 10-уми мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**



*Дар шаҳри Ҷиззах маросими сарафрозгардонии ғолибони озмун-азназаргузаронии «Мактаби китобхонтарин», ки аз ҷониби марказҳои шабакаи савдои «Китоб дунёси» ва «Китоб маркази» созмон дода шудааст, баргузор шуд.*

*Дар маросими сарафрозкуние, ки дар маркази инноватсионии ҷавонон баргузор шуд, Оҷонсии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вазоратҳои корҳои дохилӣ ва таълими халқ, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, марказҳои шабакаи савдои «Китоб дунёси» ва «Китоб маркази», ҳокимияти вилояти Ҷиззах, масъулони шуъбаи таълими халқ, роҳбарони мактабҳо, шоир ва нависандагон ширкат ҷустанд. Чунин чорабиниҳо натанҳо ба тарғиби китобхонӣ мусоидат менамоянд, балки бобати омӯхтани бурду бохти савдои китоб дар маҳалҳо, фаъолияти китобхонаҳо ва таълими фанни адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ аҳамияти муҳим доранд.*

***Дар акс:** иштирокдорони чорабинӣ.*

***Аксбардор: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ӮзА).***

**Ёдбуд**

# ЧАШМИ ДИЛАШ БИНО БУД

Солҳои донишҷӯӣ буд. Дар шуъбаи шабонаи донишкадаи омӯзгорӣ таҳсил ва рӯзона дар «Учпедгиз» ба ҳайси мусаҳҳеҳ фаъолият мекардам. Ду рӯзи ҳафта – шанбе ва якшанбе, фориғ аз таҳсилу кор дар толори китобхонаи шаҳр бо қироат ва навиштан сипарӣ мегардид.

Ҳамон солҳо бо роману қиссаҳои Ҳасан Ирфон «Дар кулбаи косибон» ва қиссаи «Ду ёр аз ду диёр» ошно гардидам. Дар тӯли панҷ соли кор дар нашриёт бо бисёр шоирону нависандагон вохӯрда бошам ҳам, аммо ягон бор Ҳасан Ирфонро надида будам. Ниҳоят, соли 1968 ин орзуи ман ҷомаи амал пӯшид.

Рӯзе сардори шуъба ҳамроҳи зан ва марде вориди утоқи кории мо гардида, ҳар дуро ба ман муаррифӣ кард ва илова намуд:

– Ин кас ба шумо кӯмак карда метавонанд.

Он мард нобино буд. Вай нишонии худро дода:

– Бегоҳ дар хона шуморо интизор мешавам, маслиҳат мекунем, – гуфт ва сипас ҳамроҳи он зан аз утоқ берун шуданд. Ӯ Ҳасан Ирфон буд.

Ҳамон рӯз баъд аз кори нашриёт роҳи хонаи Ҳасан Ирфонро, воқеъ дар кӯчаи Чехови шаҳри Душанбе, пеш гирифтам. Он кас бо самимият аввал аҳволпурсӣ, сипас таклифи нишастан карданд. Баъди нӯшидани як пиёла чой ва хӯрдани шириниҳо гуфтанд:

– Писарам, ман шуморо барои ҳамкорӣ даъват кардам. Мо ҳамроҳ романи Константин Федин – «Шодиҳои нахустин»-ро ба чоп ҳозир мекунем. Музди коратонро соатбайъ ё корбайъ аз ман хоҳед гирифт.

Ман аз ин таклифи ногаҳонӣ дасту по гум карда:

– Устод ба ман ҳеҷ гуна музд лозим нест. Ман холисона ба шумо ёрӣ медиҳам,– гуфтам.

– Меҳнат бе музду подош намешавад, писарам. Агар хоҳед, ҳар бегоҳ, баъди кор ва рӯзҳои шанбею якшанбе аз пагоҳӣ ин ҷо омада, бо ман кор мекунед,– гуфтанд.

Ман розӣ шудам. Аввалин коре, ки мо иҷро кардем ин буд, ки ман варақаҳои ба тоҷикӣ мошиннависшудаи қисми якуми романи «Шодиҳои нахустин»-ро бо овози баланд мехондам, Ҳасан Ирфон ба он гӯш медоданд. Хонумашон ба варақаҳое, ки бо ҳуруфи форсӣ дастнавис шуда буд, нигоҳ карда, муқоиса мекарданд ва ман дар ҷойҳои даркорӣ аз гуфтаҳои он кас ҳар замон ислоҳ ва иловаҳо медаровардам. Ҳамин тавр, мо дар тӯли як моҳ муқоисаю муқобилаи он асарро ба анҷом расонидем. Бояд гуфт, ки кор кардан бо Ҳасан Ирфон ҳам ифтихор ва ҳам мактаби омӯзиш буд. Банда дар раванди кор бо Ҳасан Ирфон бисёр чиз омӯхтам ва аз он хурсандам, ки лаҳзаҳои хотирмони зиёде аз он кас дар ёдам мондааст, ки нақли баъзе аз онҳоро ҷоиз медонам.

Он кас марди пухтакор, дар кори эҷодӣ сермаҳсул буданд. Устод, агарчи аз ҳисси бинои марҳум буданд, вале ҳисси шунавоӣ ва хотирааашон қавӣ буд. Борҳо шуда буд, ки саҳифа ё сархатеро баъд аз хондани ман аз нав бе каму костӣ такрор карда, мегуфтанд:

– Дар фулон ҷой фулон калимаро хат зада, ба ҷояш ин вожаро нависед.

Боре якуним саҳифаро баъди хондани ман пурра аз ёд такрор карда, ҳайрати маро дучанд афзуданд. Ин гуна ҳолатҳо бисёр воқеъ мешуд ва баёнгари он буд, ки ҳофизаи устод бисёр қавӣ буда, матнро ҳунармандона ва бо ҷумлаҳои хеле суфтаю хотирмони тоҷикӣ хуб тарҷума кардаанд.

Лаҳзаи дигаре, ки дар хотирам нақш бастааст, ин буд: Як вожаро аз дастнависи хати форсӣ на хонумашон ва на ман хонда тавонистем. Он кас он саҳифаро гирифта, ба чароғ хеле наздик бурда, бо ангушташон ҷойи даркориро молиш дода, молиш дода, билохира чӣ будани он калимаро гуфтанд ва тааҷҷубовар буд, ки он вожаро Ҳасан Ирфон на ба чашми сар, балки бо чашми дил дидан дошт.

Вақти тарҷума, махсусан тарҷумаи таркибу ибораҳо, ифодаю мафҳумҳои маҷозии русӣ бисёр эҳтиёткор буданд. Масалан, барои ба забони тоҷикӣ дуруст баргардон кардани мафҳуми «математическая шишка» ба чандин институт нома навишта, шарҳи онро пурсида буданд. Ҷавоби яке аз он номаҳо ин аст: «Дар сари баъзе одамон табиатан ғуррӣ пайдо мешавад. Соҳибони ин гуна ғуррӣ вобаста ба он ки он дар кадом тарафи майнаи сар ҷойгир аст, дар ягон соҳаи илм пешрав мегарданд. Ғуррии математикӣ ба шахсоне мансуб аст, ки дар илми математика бесобиқа хоҳанд гардид. Ин гуна одамонро дар Олмон солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар мактабҳои махсус тарбия мекарданд ва баъдан дар ин ё он соҳа онҳоро истифода мебурданд.

Лаҳзаи дигаре, ки дар хотирам мондааст, он аст, ки устод дар харҷ басо сарфакор буданд. Онро бемақсад, барзиёд харҷ намекарданд. Рӯзҳои шанбе ва якшанбе ду соат дам медоданд. Як соат барои пухтупаз, як соати дигар, барои сарфи хӯрок ва хондани баъзе рӯзномаю маҷаллаҳо. Боре ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ман ҳазломез гуфтам: «Он харбузаи чанд рӯз боз дар кунҷи хона хобида, касиф намешавад?» Устод табассуми малеҳе карданду ба занашон: «Хонум, пеши мо аз он харбуза бурида биёред»,– гуфтанд. Хонум харбузаро бурида, дар табақча оварданд. Баъди оши палав яккарчӣ аз он боиштиҳо хӯрдем.

Баъди хатми донишкада ман ба кори омӯзгорӣ гузаштам. Соле баъд ҳамсари Ҳасан Ирфон аз олам даргузаштанд ва бо ин сабаб устод аз Душанбе ба Самарқанд кӯчиданд. Ҳамкорӣ ва алоқаи мо қатъ гардид.

Соли 1970 буд. Ба таътил баромадам. Дар сарам ҳавои тамошои Самарқанд буд, аниқаш устод Ҳасан Ирфонро диданӣ рафтам.

Ду-се рӯзи аввал бо тамошои шаҳр машғул шудам. Дидани мадрасаю масҷид, кӯчаю хиёбонҳои серодам андешаи маро ба дуриҳои дур – асрҳои миёна бурд, ки дар ин ҷойҳо бузургони шеъру адаби тоҷик – Ҷомӣ, Восифӣ баринҳо зиндагӣ, кор, таҳсилу эҷод карда буданд. «Маккаву сӯроғ» гуфтагӣ барин, хонаи Ҳасан Ирфонро ёфтам.

Аммо он кас дар хонаашон набудаанд. Устод дар касалхонаи бемориҳои чашм бистарӣ будаанд. Ман ба бемористон рафта, баъд аз пурсуҷӯҳои зиёде утоқеро, ки дар он Ҳасан Ирфон бистарӣ буданд, ёфтам.

– Шуморо нашинохтам,– гуфтанд.

— Ман Хайрулло, аз Душанбе, фаҳмидам, ки шумо дар бемористон бистарӣ ҳастед, хабаргирӣ омадам,– гуфтам. Устод шод шуда:

– Мо ғаниматем, хуб кардед. Курсиро гирифта нишинед,– гуфтанд.

Ман ба курсӣ нишаста: – Дар ин ҷо ҳам кори эҷодӣ мекунед? – гуфтам, китобу дастхатҳои зиёдеро дар пештахтаи тиреза дида. Устод паҳлу гашта, рӯяшонро ба тарафи ман гардонда:

– Бале, ҳоло ду кори нотамом ҳаст, агар онҳоро анҷом дода тавонам, он гоҳ дар назди хонандаи тоҷик қарзи худро адо хоҳам кард,– гуфтанд бо ҳисси ғамхорӣ.

– Кадом кор аст? – пурсидам.

– Китоби дуюми «Шодиҳои нахустин» ва китоби дуюми худам, давоми романи «Дар кулбаи косибон». Онҳо тайёр, фақат ҷо ба ҷо карда, ба нашриёт додан лозим аст.

– Ба шумо дар ин ҷо кӣ ёрӣ мерасонад?

– Набераам, вай хоҳари шафқат аст. Маро нигоҳубин ва дар корҳоям кӯмак ҳам мекунад,– гуфтанд.

Ман бо устод аз ҳар боб хеле суҳбат карда, сипас аз ҷой баланд шуда, хушбошӣ карда, ба фурудгоҳ омадам ва сафари хешро ба тарафи Тошканд идома додам.

Аз вафоти Ҳасан Ирфон солҳои зиёде сипарӣ гардида бошад ҳам, дар матбуоти даврӣ аз хидматҳои ӯ дар соҳаи насри бадеӣ ва тарҷума кам ҳарфе гуфта мешавад ва корҳои бозмондаи ӯ куҷост, тақдирашон ба чӣ қисмате рӯ ба рӯ шуд низ ба касе маълум нест. Шояд вақти он расида бошад, ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ё дар шаҳри Самарқанд каси ғамхоре асарҳои ӯро гирдоварӣ карда, ба таври куллӣ дар нашрияе чоп кунонад, зеро донистани миқдор ва мутолиаи асарҳои шодравон ба хонандаи имрӯза низ аз аҳамият холӣ нест.

**Хайруллоҳи РАҲИМ,**
**омӯзгор.**

**Таърихи диёрро меомӯзем**

# ЗИКРИ МУҲИТИ СИЁСИЮ ФАРҲАНГИИ ТОШКАНД

## дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ

Тошканд ва ноҳияҳои атрофи он тӯли асрҳо аз зиддиятҳои дохилӣ, шӯришу ҳуҷуми қабилаҳои кӯчӣ ва истилои мамлакатҳои дигар эмин намонда, гоҳ сӯзонда, гоҳ мардумаш қатли ом гардида ба хароба табдил дода шудаанд. Чунончи, ҳангоми истилои араб аз тарафи Қутайба ибни Муслим ва аз ҷониби Муҳаммад Хоразмшоҳ шаҳр ба коми оташ кашида, дар замони Аштархониён сокинонаш аз тарафи Имомқулихон қатли ом карда шуда буданд. Вале ин талафот онро аз тараққиву пешравӣ боздошта натавонист.

Дар бораи аз тарафи Қутайба ибн Муслим сӯзонда шудани Тошканд дар «Таърихи Табарӣ» чунин оварда шудааст: "...Пас аз он, Қутайба ба Кошон (Косони имрӯза) рафт, ки шаҳри мӯътабари Фарғона буд ва сипоҳиёне, ки сӯи Чоч фиристода буд, пеши вай бозомаданд, ки онҷоро кушода буданд ва бештари шаҳрро сӯзонда буданд. Он гоҳ Қутайба сӯйи Марв бозрафт".

Мутобиқи ахбори шабакаи интернетии uza.uz ва "Ӯзбек совет энциклопедияси" дар манбаъҳои қадима зикр мегардад, ки дар ҷойи Тошканди ҳозира 2200 сол пеш шаҳри бузургу ободе мавҷуд будааст,аммо то имрӯз номи ҳамонвақтаи Тошканд муайян нагардидааст. Тошканд дар асрҳои V-VIII бо номҳои Чоч, Шош, Шошкент, Бинкат зикр гардида, дар айни вақт пойтахти давлати феодалии ҳамном буд. Бино бар маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ ва Маҳмуди Қошғарӣ шаҳр ибтидо аз асри XI номи Тошкандро гирифтааст.

Чоч дар асри VI ба хоқони турк тобеъ гардид. Пас аз берун омадан аз тасарруфи хоқони турк, Чоч соҳибистиқлол гашта, ба яке аз давлатҳои пуриқтидори давр табдил меёбад. Хусусан, дар асри VII то аввали асри VIII вазъи сиёсии Чоч осоиштатар гардид. Дар ҳамон асрҳо давлат будани Чочро маълумоте, ки дар "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров оварда шудааст, тасдиқ мекунад: "Дар солҳои 712-713 ба муқобили арабҳо иттифоқи хоқони турк ва се давлати калони истиқлолияти худро нигоҳдошта Суғд, Чоч ва Фарғона баромад мекард".

Чоч аз мамлакатҳои ривоҷёфтаву тараққикардаи замони худ буд. Аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиву маданӣ хеле вусъат дошт. Дар "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров гуфта мешавад, ки: "Раққосаҳои Чоч, Қумод, Кеш, Маймурғ, алалхусус, раққосаҳои Самарқанд ниҳоят машҳур буданд." Ривоҷи санъати рақс шаҳодат медиҳад, ки дар ин аср дар Чоч мусиқиву суруд низ инкишоф ёфта будааст.

Дар шеъре, ки Абулянбағии Самарқандӣ (Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон) пас аз тохту този арабҳо ба ин сарзамин дар асри VIII сурудааст, хубию беҳӣ ва ободонии Самарқандро дар муқобили Чоч баён гардидааст:

*Самарқанди кандманд,*
*Бад-инат кӣ афканд?*
*Аз Чоч та беҳӣ,*
*Ҳамеша та хеҳӣ.*

Аз он ҷо ки дар ин пораи шеърӣ Самарқанд маҳз бо Чоч (на шаҳри дигар) қиёс карда шудааст, фаҳмидан мумкин аст, ки дар асри VIII ин давлат қудратманд ва сазовори қиёс бо Самарқанд будааст, ки яке аз марказҳои тавонманд ва боиқтидор ба ҳисоб мерафт.

Мардуми Чоч хеле ватанпарвар, озодихоҳ ва ҷасуру ғаюр будаанд. Исботи инро дар муборизаи зидди хилофати араб дидан мумкин аст. Дар "Таърихи Табарӣ" оварда мешавад, ки: "Қутайба ба соли наваду чаҳорум қазо кард ва чун аз наҳр гузашт, бист ҳазор марди ҷангӣ ба мардуми Бухоро ва Кеш ва Насаф ва Хоразм муқаррар кард. Пас инон бо вай сӯйи Суғд рафтанд, ки онҳоро сӯйи Чоч фиристод ва худи ӯ сӯйи Фарғона равона шуд...". Агарчи дар он ҷанг Чоч шикаст хӯрда буд, мардуми он таслим нагардида, баъдтар аз тасарруфи арабҳо озод гаштанд. Дар ин бора "Тоҷикон" чунин мегӯяд: "Қутайба ғалаба карда бошад ҳам, муқовимати фарғониҳо ва чочиҳоро тамоман шикаста натавонист". Танҳо соли 714 дар ҳамлаи дуюм Қутайба Чочро батамом забт менамояд.

Мисоли дигари мардонагии халқи Чоч шӯриши кишоварзон мебошад, ки соли 806 бар зидди хилофати араб сар зада буд. Ин шӯриш, ки дар бисёр ноҳияҳои Мовароуннаҳр шиддат мегирифт, асосан аз тарафи пайравони Муқаннаъ сар зад, ки бисёри онҳо дар Чоч буданд. Халифаи оянда Маъмун танҳо пас аз чор соли шӯриш, яъне дар соли 810 онро пахш карда тавонист.

Бояд таъкид намуд, ки дар Чоч пас аз истилои араб муҳити илмӣ ташаккул ёфта, муҳаддисони хеле зиёде, аз ҷумла Абдуллоҳ ибн Абӯавонаи Шошӣ (ваф. 899), Абубакр Қаффоли Шошӣ (904-976), Абӯалӣ Ҳасан ибни Соҳиб Ҳофизи Шошӣ (ваф. 926), Абӯлайс Наср ибни Ҳасани Шошии Тункатӣ (1013-1093), Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмади Шошӣ (1038-1114) ва дигарон баромаданд, ки онҳо намояндагони муҳити илмии Тошканд ба ҳисоб мерафтанд.

Аз асри IX сар карда, Чоч ба тасаруфи сулолаи Сомониён гузашт.Онро нахуст Яҳё ибни Асади Сомонӣ, баъд аз он ҷиянаш Муҳаммад ибни Нӯҳи Сомонӣ ва баъд аз онҳо Яъқуб ибни Аҳмади Сомонӣ ба сифати ҳоким идора намуданд, зеро он замон Мовароуннаҳр ҳанӯз дар тасарруфи хилофат буд.

Пайдоиши муҳити адабии Тошкандро ба асри XIII нисбат додаанд, ки ин қобили мулоҳиза аст. Зеро дар минтақае, ки ба сифати давлат эътибор ва мақом дошт ва мутобиқи ахбори санадҳо санъати рақс рушд кардааст, ҳатман навозандагӣ ва дар паҳлӯйи он шеър ҳам мебоист, ки рушду нумӯъ дошта бошад.

Дар асри XIV бошад, Темур шаҳрро ба давлати худ ҳамроҳ карда, ба яке аз калонтарин қалъаҳо табдил додааст. Маҳз дар асрҳои XIV-XVI муҳити адабии Тошканд нуфузи хоса пайдо намуд. Зеро дар ин давра чандин шоирони тавонманд ба мисли Бадри Чочӣ, Лутфии Шошӣ (1366-1465), Мавлоно Улои Шошӣ, Ориф Фаркатӣ, Мавлоно Фаркатӣ, Дарвешбек ибни Мирзо Алӣ, Дайрии Тошкандӣ (асри XVI), Собирии Тошкандӣ (ваф.1597) Шӯҳрати Оҳангаронӣ, Сомании Тошкандӣ (охирҳои асри XVI ва аввалҳои XVII), Садрии Тошкандӣ (охирҳои асри XVI ва аввалҳои асри XVII), Рабеии Тошкандӣ, Содиқии Тошкандӣ (чоряки охири асри XVI ва чоряки аввали асри XVII) ва ғайра ба майдон омаданд. Зикри Лутфии Шошӣ, Мавлоно Улои Шошӣ, Орифии Фаркатӣ, Дарвешбек ибни Мирзо Алӣ дар тазкираи Алишер Навоӣ – "Маҷолис-ун-нафоис" низ омадааст. Дар бораи фаъолияти эҷодии Дайрии Тошкандӣ, Шӯҳрати Оҳангаронӣ, Собирии Тошкандӣ, Сомании Тошкандӣ, Садрии Тошкандӣ, Рабеии Тошкандӣ ва Содиқии Тошкандӣ бошад, дар тазкираи профессор Садрӣ Саъдиев "Маркази адабии Самарқанд дар оинаи таърих" маълумот дода шудааст.

"Дар нимаи дуюми асри XVI Тошканд ба хонигарии Бухоро ҳамроҳ шуд. Дар асрҳои XVII-XVIII онро қазоқҳою қалмоқҳо забт намуданд. Соли 1809 ба ҳайати хонигарии Хуқанд, соли 1865 ба ҳайати империяи Россия ҳамроҳ гардид," гуфта мешавад дар "Энсиклопедияи советии тоҷик". Тошканд дар нимаи дуюми асри XIX ба маркази мадании бузурги Туркистон мубаддал гашт. Интишори афкори маорифпарварӣ, ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои тозаи сиёсию маданӣ дар ибтидои асри XX боиси пешрафти ҳаёти фарҳангӣ дар ин шаҳр гардиданд. Дар ин марҳалаи таърихӣ боз як қатор шоирон ба майдони сухан омаданд.Мирӣ (1833-1916), Ҳақирӣ (1878-1959), Хислат (1880-1945), Саидрасул Саидазизов (1866-1933) аз ин ҷумлаанд.

Тошканд ҳоло низ дар қатори Самарқанду Тирмизу Фарғонаву Бухоро ҳамчун маркази муҳими илмию адабии тоҷикон мақом дорад. Иддае аз аҳли адаб ва илм дар он зиндагиву эҷод карда, барои рушду равнақи фарҳангу адабиёти имрӯзаи тоҷик саҳмгузорӣ мекунанд.

Бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои илмию адабии зикршуда бо итминон метавон гуфт, ки шаҳри кунунии Тошканд дар гузашта низ аз марказҳои муҳими сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёфт.

**Дилшоди ФАРҲОДЗОД,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**
**Ҳасан СУЛАЙМОНӢ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

**Маҳфил**

# ҶАШНИ «РӮЗИ МОДАР»

***Ба истиқболи фарорасии баҳори нозанин ва ҷашни «Рӯзи модар» бо ташаббус ва саъю эҳтимоми устодон ва толибилмони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз таҳти унвони «Ҷаннат – зери қудуми модарон» маҳфили бадеӣ баргузор гардид.***

Нахуст, мудири кафедра, номзади фанҳои филологӣ, дотсент Рамазон Абдуллоев бонувон ва донишҷӯдухтарони кафедраро ба муносибати Рӯзи модар табрик карда, ба онҳо сиҳатмандӣ, сарбаландӣ ва тамоми хушиҳоро орзу намуд.

Қайд шуд, ки Рӯзи модар чун рамзи саодат ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомати хос пазироӣ мешавад.

Тибқи ойинномаи маҳфил донишҷӯён ҳунару маҳорати худро дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла қироати шеър дар ситоиши модар, саҳнаҳои ҳаҷвӣ, суруд дар васфи модар ва ғайра намоиш доданд.

Бонувони кафедра ва донишҷӯдухтарони бахши тоҷикӣ барои фаъолияти назаррас, хизматҳои арзанда дар рушди таълиму тарбия, корҳои босамари илмию тадқиқотӣ, ширкати фаъол дар маҳфилҳои фарҳангиву маърифатӣ, ҳамзамон ба муносибати Рӯзи модар бо ифтихорнома ва ташаккурномаи Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё сарфароз гардиданд.

**Илҳом ЭШОНҚУЛОВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**



*Дар маҳаллаи «Софдил»-и ноҳияи Сергелии пойтахт муассисаи таълими томактабии замонавие бо номи «Kinder garden» ба кор шурӯъ кард.*

*Кӯдакистони дорои 175 ҷой аз 7 гурӯҳ иборат буда, бачаҳои 2-6-соларо дар бар хоҳад гирифт. Дар кӯдакистон ба хурдсолон панҷ маҳал хӯроки гарми меъёрӣ дода мешавад. Барои маънан ва ҷисмонан солим ба воя расидани онҳо аз ҷониби тарбиятгарони моҳир маҳфилҳои гуногуни фанниию варзишӣ, машғулоти шавқовар ба мисли арифметикаи мантиқию менталӣ роҳандозӣ хоҳанд шуд. Барилова, ба бачаҳо забонҳои русию англисӣ низ омӯзонида мешаванд.*

***Дар акс:** дар кӯдакистони нав.*

***Аксбардор: Муҳаммад АМИН (ӮзА).***

***Дар ҳудуди боғи «Водии афсонаҳо»-и шаҳри Намангон замоне Ғирвонсой ном селхона вуҷуд дошт. Он солҳо баҳор серборииш меомад. Аз борону жола хонаву ҷой ва киштзори сокинони ҳудуд осеб медид.***

# «СЕ ПАҲЛАВОН» – ТАҶАССУМИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

Моҳи майи соли 1971 барои гирифтани пеши ин офати табиӣ ба сохтмони сарбанд шурӯъ карданд. Асари арбоби санъати Ӯзбекистон Муталиб Аббосов – ҳайкали «Се паҳлавон» ҳамон замон гузошта шуда буд. Ғояи асосии ҳайкал мубориза бар зидди сел буда, дӯстии халқҳои ӯзбек, қирғиз ва тоҷикро, ки аз як дарё об менӯшанд, ифода менамуд.

Солҳои 90-уми асри гузашта ҳайкали таъмирталабро бардошта куҷое бурданд. Ба қарибӣ ҳақиқати таърихӣ қарор ёфту ҳайкали таъмиршуда аз нав дар ҷояш пойдор гардид.

Дар маросими кушоиши он роҳбарони корхона ва муассисаҳои вилоят, собиқадорони меҳнат, ҷавонон ва намояндагони ҷамоаҳо иштирок карданд.

Дар маросим ҳокими вилояти Намангон, узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Хайрулло Бозоров иштирок карда, иброз дошт, ки ҳайкали «Се паҳлавон» таҷассуми дӯстии халқҳои минтақа мебошад.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

ОВОЗИ ТОҶИК

11 марти соли 2020 № 22 (14621)

*Аз ҳаёти мактаб*

# ИН ҲОЛО ИБТИДОИ КОР...

Шаҳри Газлӣ яке аз гӯшаҳои дурдасттарини вилояти Бухоро ба шумор рафта, аз ҷиҳати маъмурӣ тобеи ноҳияи Ромитан аст.

Шояд сабаби заминҷунбӣ бошад, ки дар шаҳр иморатҳои бисёрошёна қариб, ки ба назар наменамуд. Дар ҳокимияти шаҳр ба мо гуфтанд, ки ин ҷо 6067 нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад ва таркиби миллии онҳо гуногун аст. Албатта, ӯзбекону тоҷикон қисми асосиро ташкил медиҳанд. Ду мактаби миёна, беморхона, муассисаҳои таълими томактабӣ, нуқтаҳои савдо, нонвойхона ва ғайра барои таълиму тарбияи фарзандон, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва қонеъ гардондани талаботи рӯзмарраи онҳо фаъолият нишон медиҳанд. Азбаски дар бораи комёбиҳои мактаби миёнаи №37 шунида будем, хостем, ки бо ин ҷамоа аз наздик шинос шавем. Директори мактаб, омӯзгори забон ва адабиёти рус Диловар Авезоваро дар коргоҳаш бо мудири қисми илмӣ, Аълочии таълими халқ Розия Қиличева машғули кор дидем. Баъди шиносоӣ суҳбати мо бо сарвари мактаб, ки зодаи Ғиҷдувон будааст, ба забони тоҷикӣ идома ёфт.

– Мактаби мо – оғоз намуд ӯ, – дар бинои мувофиқгардондашуда аз соли 1986 ин ҷониб фаъолият дошт. Соли 2015 ба ин бинои нави дуошёна (дорои 270 ҷой) кӯчидем. Ҳоло дар 17 синфи I-XI 387 нафар хонанда дорем. Ба онҳо 40 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Аҷибаш дар он ки ҳамагӣ се нафари омӯзгоронамонро мардон ва 37 нафарашонро бонувон ташкил мекунанд.

Дар мактаб муҳити хуби корӣ ба амал омадааст. Ҳар як муаллим азму кӯшиш дорад, ки бо дарки масъулият ва вазифааш ҳар чи бештар самаранок кор кунад.

Диққату эътибори ҳама ба як масъала – таълиму тарбияи инсони комил, фарзандони муносиби халқу Ватан – онҳое, ки ба тақдири ояндаи мамлакат ҷавобгаранд, нигаронида шудааст. Беҳуда нест, ки фаъолияти омӯзгори тоифаи якуми биологияи мактаб Ӯғилой Содиқова пурра омӯхта шуд ва моҳи январи соли ҷорӣ таҷрибаи кории вай дар микёси ноҳия оммавӣ гардонда шуд. Дар озмун-азназаргузаронии «Беҳтарин видеодарс»-и ноҳия муаллими синфҳои ибтидоӣ Дилобар Раҳмонова ҷои аввалро ба даст овард. Албатта, баъди заҳматҳои зиёд дидани самараи он ба кас ҳаловат мебахшад. Аз ин ҷиҳат соли 2020 барои ҷамоаи мактаби мо хушнудӣ овард. Бинобар ҷамъбасти фестивали ҷумҳуриявии «Панҷ ташаббус» байни мактабҳо дар равияи китобхонӣ ғолибӣ ба ҷамоаи мо насиб кард. Ҷамоаи мактаб дар марҳилаи ҷумҳуриявии фестивали номбурда бинобар ташаббуси дуюми Президент – соҳаи варзиш низ бомуваффақият иштирок намуда, соҳиби ҷойи дуюм ва таҷҳизоти варзишӣ гардид.



Дар таълимгоҳ корҳои мактабию берунаэсинфии фанҳои информатика ва ТЭҲ, инчунин, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба тарзи намунавӣ ба роҳ монда шудааст. Агар бо ду омӯзгори пешқадами мактаб Нодира Нурова ва Миршод Норқулов вохӯрда, бо фаъолияти онҳо шинос мешудед, хеле хуб мешуд, – хоҳиш намуд директор.



Омӯзгори фанни информатика ва техникаи ҳисоббарор Нодира Нурова бо чанд нафар шогирдон машғули кор буд. Дарсхона дорои 21 компутер буда, онҳо бо интернет васл гардидаанд. Сарвари мактаб моро бо муаллима шинос карда гуфт:

– Нурова аз ҷумлаи муаллимони меҳнатдӯст ва масъулиятшиноси мактабамон ба шумор меравад.

Азбаски машғулиятҳояш пайваста мароқовар аст, бачагон аз назди омӯзгор дур шудан намехоҳанд.

Нодира зодаи деҳаи Мирзоқули ноҳияи Шофиркон, соли 2008 факултети физикаю математикаи ДДБ-ро хатм кардааст. Якчанд сол дар коллеҷи иқтисодиёти Шофиркон омӯзгорӣ намуд. Баъди ба шавҳар баромадан бо оилааш ба шаҳри Газлӣ кӯчида омад. Вай бо шогирдони худ моҳи декабри соли гузашта аз тариқи саҳифаи фейсбуки Вазорати таълими халқ дар моҳонаи фанҳои математикаю информатика – фестивали «Панҷ ташаббус»-и Президент фаъол иштирок намуда, комёб гардид. 16 нафар шогирдони вай моҳи марти соли ҷорӣ ба ҳуқуқи иштирок ба озмуни байналхалқии математика – «Кенгуру» соҳиб шуданд. Бо роҳбарии ӯ дар мактаб маҳфили «Барномасози ҷавон» фаъолият дорад.

Чи хеле ки гуфтем, комёбии шогирдони мактаб оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ диққатҷалбкунанда аст. Дар ин бобат саҳми омӯзгори фан Миршод Норқулов арзанда. Вай зодаи деҳаи Қӯрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркон буда, баъди хатми мактаби собиқ тоҷикии №7 ба номи Фирдавсӣ дар шуъбаи тоҷикии методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи ДДБ таҳсил гирифтааст. Фаъолияти педагогии вай дар мактаби зодгоҳ ҳам чун равоншинос соли 2017 оғоз ёфта, аз худи ҳамон сол ӯ бо ҳамсари омӯзгораш Дилафрӯз Мустафоева ба Газлӣ омада баҳри таълиму тарбияи наврасон заҳмат мекашанд. Комёбиҳои шогирдонаш дар озмуну мусобиқаҳо, фақат соли гузашта бо дипломҳои дараҷаи I мукофотонида шудани талабагони мактаб Асил Раҳматов, Шаҳноза Рашидова дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ оид ба теннис дар шаҳрҳои Олмалиқу Бекобод, дар мусобиқаҳои муштзанони наврасони ҷумҳуриявии вазнашон 44 кг дар Зафаробод соҳиби ҷойи дуюм шудани Оғабек Толибов, дар шаҳри Газлӣ сазовори ҷойи якум гардидани Сардор Қайюмов дар мусобиқаи муштзанони вазнашон 50 килограмм ва ғайра аз ин гувоҳӣ медиҳанд.

– Ин ҳоло саршавии кор аст, мо баҳри натиҷаҳои боз ҳам баландтар азму кӯшиш менамоем, – арзи дил кард омӯзгор.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

---

***Аз 24 феврал то 6 марти соли равон Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон бо ҳамдастии Вазорати адлияи ҷумҳурӣ лоиҳаеро доир ба афзудани дониши ҳуқуқии журналистон ба амал татбиқ намуд.***

# ЖУРНАЛИСТОН БА ДОНИШИ ҲУҚУҚИИ ХУД АФЗУДАНД

Дар доираи лоиҳа 17 нафар журналистоне, ки ба мавзӯи ҳуқуқ ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд, дар курсҳое, ки дар Маркази такмили малакаи ҳуқуқшиносони ҷумҳуриявӣ созмон дода шудаанд, таҳсил гирифтанд.

Дар ин фосила ҳуқуқшиносон ба журналистон доир ба мавзӯъҳои «Кафолати ҳуқуқии фаъолияти РАО», «Самтҳои бартариноки ислоҳоте, ки доир ба суду ҳуқуқ дар Ӯзбекистон ба амал татбиқ мешаванд», ҳуқуқу маҷбуриятҳои журналист, фаъолияти журналистони ватанӣ дар хориҷи кишвар ва журналистони хориҷӣ дар Ӯзбекистон, самтҳои асосие, ки оиди баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ дар консепсия пешбинӣ шудаанд, иштироки расонаҳои ахбори оммавӣ дар мубориза алайҳи коррупсия ва дигар мавзӯъҳои муҳим маърӯза карданд.

Ба наздикӣ маросими аз санҷиш гузаронидани дониши ҳосилнамудаи журналистон ва сертификатсупорӣ ба онҳо баргузор шуд.

Дар маросими сертификатсупорӣ директори Маркази такмили малакаи ҳуқуқшиносон Анвар Раҳматов ва раиси Иттиҳодияи эҷодии журналистониӮзбекистон Саъдулло Ҳакимов ширкат ҷуста, ба фаъолияти ояндаи журналистон комёбиҳо орзу намуданд.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

---

*Минбари омӯзгор*

# УСТОД – РАВШАНГАРИ ДИЛҲО

***Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан,***
***Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.***
***Сайидои НАСАФӢ***

Шабеҳ ба байти болоӣ сӯхиён мақоле доранд: мураббиат набошад, мураббо намехӯрӣ. Дарҳақиқат чунин аст. Бе маслиҳату панди устод иҷрои кулли амалҳо нобасомон аст. «Устод агар набошад, ақле ба сар набошад»-и бузургон низ беҳуда гуфта нашудааст. Бинобар ин аз домани устод маҳкам доштану аз гуфтаҳояш сар напечидан ба шогирдон қарзи шогирдист. Чаро, ки рӯзе меояду он шогирд низ худ устод мешавад ва аз шогирдон амалҳои болоиро бо таъбире «дилаш меҷӯяд». Ҳамин маънӣ дар байти зер:

*Домани устод гиру*
*шод шав,*
*Муддате хидмат*
*куну устод шав.*

Агар хато накунам, солҳои мактабхонии мо дар муносибати устоду шогирд, яъне омӯзгору талаба нисбати имрӯза тафовути беандоза ба чашм мерасид. Ҳар як сухан, панду андарзи устодонамонро мо – шогирдон бо таъбире «бо оби тилло менавиштем». Гапи мактабро ба хона намебурдем, барем ҳам аз волидон гӯшмол медидему бас. Ба суханҳои ҳикматноки «устод беҳтарин падар»-у дар иҷрои кулли омол «эҳтиёҷманду ниёзманди устод бояд бошем» сахт риоя мекардем.

Шукри Худованд, ки бо дуои бобою момои қариб 90-солаву орзуи деринаи волидони омӯзгорам ва истодагарии бародари калонӣ имрӯз худи ман устод гаштаву бародари хурдиам дар арафаи соҳиб шудан ба ин номи баланду пурифтихор аст. Ва тӯли собиқаи хеле кӯтоҳи корӣ аллакай дарк намудам, ки ҳурмату иззати устодон аз тарафи шогирдон на мисли солҳои пеш аст. Димоғбаландию калонигариҳои бо таъбире «бетагу туш»-и баъзе волидон ва эркагиҳои ба қавле «бетану мол»-и фарзандони онҳо боиси хунукӣ афтодан байни мактабу оила мегардад. Рости гап аз рафтору гуфтору кирдори бархе аз онҳо мо – устодон, омӯзгорон шарм медорем. Ва байти шоир ба ёд меояд:

*Ҳар кӣ по каҷ мегузорад,*
*хуни дил мо мехӯрем,*
*Шишаи номуси олам дар*
*бағал дорем мо.*

Байни он тоифа ононе низ вомехӯранд, ки ба фарқи алифу калтак нағз сарфаҳм намеравanду ба омӯзгор – устодон баҳо дода мегарданд, ки аз ин хандаи кас меояд. Чуноне ки бузургон гуфтаанд: «Гоҳе, ки чармгар атторӣ мекунад, гоҳе ки пинадӯз заргарӣ ва бӯзина наҷҷорӣ ҳатман як амали хандаоваре рух медиҳад». Ба эътибори тоифаҳои болоӣ ин ҷо овардани ҳикояти зерро айни муддао медонем: ҷавоне тӯли солҳои дароз назди наққоши бузурге асрори ҳунар омӯхт. Рӯзе устод ба шогирд гуфт, ки акнун ту парончакӣ. Дигар чизе намонд, ки ман ба ту омӯзам. Ва шогирд бо маслиҳати устодаш нақши аҷиберо кашиду онро дар ҷойи намоёни маркази шаҳр гузошта болояш ин суханҳоро сабт кард: дар куҷои ин нақш камбудиеро бинед, болояш аломати «Х» гузоред. Ва бегоҳ омада дид, ки рӯи нақш моломол аз аломати «Х» аст. Шогирд ғамгин шуда устодашро аз асли воқеа хабардор намуд. Ва бо дарх остиустод нақшро дуюмбора кашид. Устод болои он «агар дар расм ягон норасоие бошад, илтимос, ислоҳ кунед»-ро сабт карду ба ҷойи пештарааш вогузошт. Вақти шом баргашта диданд, ки ба расм касе даст нарасондааст. Инро дида устод ба шогирдаш гуфт: – Ҳамаи инсонҳо қудрати танқидро доранд, вале ҷуръати ислоҳ не!

Дар хотима ба эътибори волидони кулли шогирдон расонданиям, ки ба қадри хизмати устод нарасидан нокасӣ асту бас. Зеро устод хоҳони ҳамешагии ояндаи неки шогирд аст. Ҳар як пешравию муваффақияти шогирд боиси сарбаландию гул-гул шукуфии устод хоҳад гашт. Чаро ки:

*Ҳаққи устод аз падар*
*беш аст,*
*В-аз падар устод дар*
*пеш аст.*

**Фирдавс ТОҶИДДИНОВ,**
**омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 7, ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

---

*Дар мавзӯи ахлоқ*

# ИНСОФ – САРИ БАРАКА

*оё соҳибкорӣ чунин ҳам мешавад?*

Чанд сол пеш аз ин, дар бегоҳирӯзии яке аз рӯзҳои зимистон ҷавони 23-25 сола ба наздам омада илтимос кард, ки барои як шаб ба ӯ иҷорахонае пайдо кунам.

Машаққати мусофириро хуб медонам. Аз рӯйи касбу кор мусофириро бисёр дидаам, чунин ҳолатҳое низ шуд, ки дар истгоҳҳои роҳи оҳан хоб кардаам.

– Пагоҳ чорае месозем, имрӯз меҳмонамон шавед, – ба хона таклиф кардам ҷавонро.

Мусофир Қобил ном дошта, андиҷонӣ будааст. Ӯ аз мӯзадӯз буданаш, ба шаҳр ба ҷустуҷӯи кор омада, кӯҳнадӯзӣ карда, рӯз гузарониданаш нақл кард.

– Қобилҷон, оила дорӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Худоро шукр, падару модар, бародару хоҳар дорам. Нахостам, ки ба онҳо бори гарон шавам, барои ҳамин ба Тошканд омадам.

Аз суханони ӯ маълум гашт, ки як ҷавони соддадил аст. Машруб наменӯшидаасту сигор намекашидааст. Бо Қобилҷон бародару додар шудем. Аз маҳаллаи Ҳастимом хонаи иҷора низ пайдо шуд. Ба гуфти ӯ, соҳибхона одами баимону меҳрубон будааст.

Ҳоло ҷавонон хоҳанд илм меомӯзанду хоҳанд соҳибкор мешаванд.

Соҳибкорон дар ҳудуди истиқомат аз рӯйихат гузашта, дар гӯшаи дилхоҳи кишвар фаъолият бурда, ба ҷамъият фоида оварда метавонанд. Маҳсули кори соҳибкорону ҳунармандони бозори деҳқони «Чорсӯ»-и пойтахтро дида, чашмони кас завқ мебарад. Аз ҷомаҳои шоҳона то самоварҳои антиқа, аз лӯхтакҳои миллии сафолин то лаълиҳое, ки обидаҳои таърихӣ аккосӣ шудааст, аз дутор то сурнай, ки аз растаҳои он ҷой гирифтааст, пешкаши харидоронанд. Кас мехоҳад ба давомдиҳандагони касбҳои бобоӣ офарин хонад. Онҳо бо меҳнати ҳалоли худ сазовори таҳсин гардидаанд.

Бо гузашти вақт Қобилҷон низ дар ин бозор устои кори худ шуд. Пойафзоре, ки ба дасти ӯ меафтид, баъди таъмир ранги нав мегирифт. Торафт мизоҷони ӯ зиёд шуданд. Аммо дар давоми 3-4 соли охир Қобилҷон нӯшидан ва сигор кашидан барин одатҳои манфӣ пайдо кард. Мисли пештара барои маслиҳат ба хона ҳам намеомад.

Боре бо ӯ дар устохонааш вохӯрдам. Муомилаи ӯ бо мизоҷон маро хиҷолат кард. Рафтор ва худдории ӯ низ тағйир ёфта, ба балои нафс дучор шуда буд. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, дар як соат ду ҷуфт пойафзор ва як борхалтаро таъмир карда, аз соҳибонаш як саду ҳафтод ҳазор сӯм хост.

– Ёфту тофтат бад нест, арзонтар кунӣ намешавад, – изҳори норизоӣ кардам аз ӯ.

– Дар Тошканд умргузаронӣ осон нест. Рӯзгор – ғор, гуфтаанд,– мағрур заҳрханда карда гуфт ӯ.

Дар бозгашт то хона дар бораи Қобилҷон фикр кардам. Наход, ин ҳамон ҷавоне бошад, ки бо мулоимтабиатию соддадилиаш аз дилам ҷой гирифта буд. Наход, ки пул сифатҳои инсониро ин қадар зуд дигар кунад? Пул чирки даст гуфтаанд, гузаштагони мо.

Ба наздикӣ барои таъмири пойафзор боз ба дӯкони ӯ рафтам. Як лаҳзаи таъмири пойафзор – аз ман даҳ ҳазор сӯм хост...

– Бародар, ба шумо равғани сиёҳу ҷигарранги махсуси хориҷӣ барои пойафзор лозим нест? – пурсид ӯ аз ман.

– Лозим, чӣ қадар?

– Барои шумо ҳар якаш ҳаштҳазорсӯмӣ, – гуфт ӯ.

Рӯзи дигар ба равғанхарӣ рафтам. Қобилҷон камтар кебида, ҳозир меоям гӯён рафту баъди сечаҳор дақиқа равғанро овард. Ман ба ӯ 16 ҳазор сӯм шуморида додам.

Баъди ду рӯз барои майда-чуйдаи рӯзгор боз ба бозор рафтам. Дар дӯконе чашмам ба он равғане, ки аз Қобилҷон гирифта будам, афтид. Нархаш каме бештар аз ними нархи Қобилҷон. Боз ба назди Қобилҷон рафтам.

– Бегонагариатро карди-да, додар! Гап дар сари пул нест. Инсоф – сари барака, гуфтаанд, – гуфтам бо заҳрханда.

Ӯ аз хиҷолат лом-мим намегуфт .

**Даврон АҲМАД,**
**журналист.**

---

## НАМОИШИ КОРҲОИ АМАЛӢ

Дар мактаби мусиқа ва санъати рақами 30-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона маҳфилҳои гуногун амал мекунанд. Маҳсули кори бачагон ва наврасон шоистаи таҳсин аст. Дар вохӯрии «Ҳоким ва ҷавонон», ки дар саҳни кушоди мактаби рақами 27 баргузор гардид, офаридаҳои соҳибистеъдодони ин мактаб ба намоиш гузошта шуд ва писанди ҳамагон гардид. Иштирокчиёни вохӯрӣ маҳсули дасти дастпарварони мактаби мусиқиро аз ҷумла, кашида, сурат ва ғайра дидан карданд.

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ,**
**Аҳрори МАҲМУДЗОД.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

***Рақс таҷассумгари олами нафосат аст. Чун суруд ва мусиқӣ таърихи қадима дорад. Туғёни қалб, эҳсосу эҳтиросоти ботин бесухан, танҳо ба воситаи ҷунбишу ҳаракат, покӯбӣ ва дастафшониҳои зебо бо рақс ифода меёбад.***

*Маликаҳои даргоҳи рақс*

# ДУНЁИ РАНГИНИ НАФОСАТ

Даргоҳҳои махсуси таълимӣ ҳастанд, ки раққос ва раққосаҳо омода менамоянд. Вақте аз ин бобат сухан рафт, мактаби хореографии ҷумҳурӣ (ҳоло академия) воқеъ дар пойтахт пеши назари мо ҷилвагар мегардад.

Мактаби хореографӣ, ки дар солҳои сиюми қарни сипаришуда барпо гардида буд, як вақтҳо дар бинои оддии дуошёна фаъолият мебурд, Сурати хонуме, ки рақс менамояд, дар пештоқ акс ёфта ва бо назар кардан ба он кас дарҳол фикр мекард бино марбут ба рақс – яке аз навъҳои санъати нафиса мебошад.

Тӯли наздик навад сол муассисаи мазкур бо омодасозии кадрҳои сазовор дар рушди санъати рақс, хусусан, рақсҳои миллию хореографӣ саҳми босазо гузошт. Дастпарварони зиёди он дар Театри калони давлатии академии ба номи Навоӣ, ансамблҳои «Баҳор» ва «Лазгӣ», театри оперетта ва ҳоказо фаъолият бурданд. Мактаби хореографие, ки дар заминаи мактаби балет ташкил ёфт, бо ташаббуси Тамарахонум доираи васеи раққосаҳои маҳаллиро ба худ ҷалб намуд. Аз барномаҳои консертие, ки дар сайру тамошоҳои халқӣ намоиш меёфтанд, сар карда то спектаклҳои балет таҳти раҳнамоии ин маликаи ҳунар мактаб роҳи дурударози эҷодӣ тай намуд.

Дар байни санъаткорони боистеъдоде, ки Мактаби хореографии Тошкандро хатм кардаанд, номи ҳунарпешаи мардумӣ Галия Измайловаро месазад алоҳида таъкид намуд. Вай нафақат рақси дилошӯб дар саҳнаҳои дунё намоиш кард, балки чун устоди рақс ва балетмейстер дар басаҳнагузории бисёр саҳнаҳои пурҷозиба ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намуд.

Хатмкардагони ин боргоҳи ҳунар дар як қатор театрҳои бонуфузи собиқ иттиҳод самаранок фаъолият бурданд.

Зимнан, барои таҳсил нафақат аз вилоятҳои ҷумҳурӣ, балки аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба ин ҷо дӯстдорони рақс ҷалб мешуданд. Раққоса ва балетмейстери номии тоҷик, Ҳунарпешаи мардумии ИҶШС Зебо Аминзода чанде пеш ба Тошканд омад ва гуфт, аз он ки мактаби хореографиро дар ин ҷо хатм кардааст, ифтихорманд мебошад. Ба ҳунарнамоии ансамбли рақсии «Зебо», ки Аминзода сарпарасти он мебошад, дерест тамошобинҳои дунё кафкӯбиҳо мекунанд. Академияи рақс айни замон, месазад бо дастпарварони сазовораш чун Зебо Аминзода бифахрад.

Раққосаи номӣ, ҳунарпешаи мардумӣ Қундуз Миркаримова низ таҳсилкардаи ҳамин мактаб ба шумор мерафт. Сабақҳоеро, ки аз устодам Губская гирифтаам, асло фаромӯш намекунам, гуфта буд шодравон.

Ин ҷо барои ҷӯяндагони ҳунар ва илм тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Соли 2019 барои Ситора Зиёева рӯзи фаромӯшношуданист: ӯ соҳиби мукофоти давлатии «Ниҳол» гардид. Он сол боз як ҳодисаи хурсандибахш рӯй дод – бинои нави боргоҳи ҳунар ба истифода супурда шуд.

Дигар аз донишҷӯёни пешқадам Зебуннисо Зайниддинова мегӯяд, аз хурдӣ, ки ба фортепиано шавқ доштам, орзу мекардам дар мактаби хореографӣ таҳсил намоям. Орзуям амалӣ гашт. Натиҷаи сабақҳои судманд аз устодон аст, ки мустақилона оҳанг меофарам. Яке аз оҳангҳоям «Қӯи ярадоршуда» баҳои сазовор гирифт.

Таъмиру тармим ва бозсозиҳо дар бинои нав ҳамагӣ ҳашт моҳ давом кард, вале дар ин муддат корҳои шоёни сохтмону таъмир ба анҷом расонда шуданд.

Дар бунёди бинои нав усто ва сохтмончиён бо баҳисобгирии нозукиҳои санъати рақс таклиф ва маслиҳатҳои устодони муассисаро ба инобат гирифтанд. Ҳар як аудиторияи таълимӣ ба толори алоҳидаи рақс молик гашт. Синфхонаҳо ва толорҳо ба андозаи зарурӣ ҷиҳозонида шуданд.

Ҳоло дар ҳар толори рақс ин гуна хонаҳои либос мавҷуд. Маълум, ки рақс ҳаракати муттасилро тақозо менамояд. Тасфидан, арақ баровардани бадан як ҳолати табиист. 90 фоизи донишҷӯён, ки духтарон буданд, баъди машғулот то либос иваз карда, дам рост кардан аксар вақт шамол мехӯрданд. Ҳоло ин гуна ногувориҳо барҳам хӯрда, меъёрҳои гигиенӣ ва озодагӣ риоя карда мешаванд. Душхонаҳои дохили бино фаъол мебошанд.

Барои бо донишҳои назарӣ мусаллаҳшавӣ низ имкониятҳо фароҳаманд. Дар фонди китобхона бештар аз 40 ҳазор адабиёти таълимӣ ва илмӣ, дастуруламалҳо мавҷуданд, ки 11 ҳазори онҳоро адабиёти бадеӣ ташкил менамоянд.

Дар ин даргоҳ дилҳои ба рақси классикию миллӣ, рақси саҳнаи мардумӣ, балрақсҳои замонавӣ, рақсҳои дуэт-классикӣ ошуфта аз устодон ва мутахассисон асрори ҳунар меомӯзанд, малакаи мусиқиашонро такмил медиҳанд.

**М. ШОДИЕВ.**

---

Ҷамоаи «Овози тоҷик» нисбати вафоти муаллифи деринаи рӯзнома, нахустин раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони ҷумҳурӣ, доктори улуми филологӣ, профессор

**Ҳасан ҚУДРАТУЛЛОЕВ**

андӯҳгин буда, ба аҳли байт ва пайвандони марҳум ҳамдардии чуқур изҳор мекунад.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1178, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.